# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ

(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро муайян намуда, расмиёти ягонаи вобаста ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ барои эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, муқаррар менамояд.

Қонуни мазкур фазои ягонаи иқтисодӣ дар хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ, васеъ намудани доираи иштирокчиён, тавсиаи рақобати бовиҷдонона ва инчунин такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ танзим менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Доираи амали Қонуни мазкур

Қонуни мазкур нисбат ба ҳамаи хариди давлатӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, ба истиснои хариди давлатӣ ҷиҳати таъмини мудофиаи миллӣ, амнияти миллӣ, сирри давлатӣ, металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин барои рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулодда ва дигар ҳолатҳои ногаҳонӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

### Моддаи 2. Мақсади Қонуни мазкур

Мақсади Қонуни мазкур аз инҳо иборат аст:

- таъмини сарфакорӣ ва самарабахшии хариди давлатӣ;

- тавсиаи доираи иштирок ва рушди рақобат байни молрасонҳо (пудратчиён) дар соҳаи хариди давлатӣ;

- таъмини шаффофият ва беғаразии расмиёти хариди давлатӣ;

- такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, корхонаҳои (муассисаҳои) давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи хариди давлатӣ;

- рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи хариди давлатӣ.

### Моддаи 3. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1. Хариди давлатӣ - аз ҷониби ташкилоти харидор бо усулҳои муайяннамудаи Қонуни мазкур ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағи давлатӣ маблағгузорӣ мегардад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Маблағҳои давлатӣ - манбаъҳои маблағгузории хариди давлатӣ, ки аз инҳо иборатанд:

- маблағҳои буҷети давлатии ҳамаи сатҳҳо;

- маблағҳои корхонаҳои давлатӣ;

- маблағи муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- маблағҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳо бо инвеститсияҳои хориҷӣ, ки дар онҳо ҳиссаи давлат зиёда аз 50 фоиз мебошад;

- маблағҳои бонкҳои давлатӣ, ки барои эҳтиёҷоти дохилӣ сарф мешаванд;

- маблағҳои мақсадноки фондҳои давлатӣ;

- маблағҳои қарзие, ки аз ҷониби давлат ё корхонаҳои давлатӣ кафолат дода ё таъмин карда шудаанд, грантҳо.

3. Эҳтиёҷоти давлатӣ - пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ қонеъ гардонидани талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маъмурию сиёсӣ.

Эҳтиёҷоти давлатӣ, аз он ҷумла номгӯи барномаҳои мақсадноки давлатие, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дар бораи буҷети давлатӣ, барои давраи банақшагирӣ пешбинӣ мегардад.

4. Қарордоди харид - қарордоде, ки дар анҷоми расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста шудааст.

5. Молрасон (пудратчӣ) - ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси қарордоди харид вориди робита мегардад.

6. Шахси бонуфузи молрасон (пудратчӣ) - шахси ҳуқуқие, ки метавонад ба фаъолияти хоҷагидории молрасони (пудратчии) эҳтимолӣ вобаста ба назорати сармояи он ё узвият дар мақомоти роҳбарикунандаи он мустақиман таъсир расонад.

7. Мол - маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст.

8. Кор - ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё таҷдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардоздиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқоти сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд.

9. Хизматрасонӣ - натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд.

10. Хизматрасонии машваратӣ - фароҳам овардани хизматрасонии зеҳнӣ (интеллектуалӣ), ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои машваратии дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад.

11. Тендер - озмуне (конкурсе) мебошад, ки дар байни довталабон барои иҷрои муассир ва самараноки кору хизматрасонӣ ва ё таҳвили намуди муайяни мол бо мақсади интихоби яке (ё якчанд) аз онҳо ва барояш (барояшон) супоридани иҷрои ин кор ё хизматрасонӣ гузаронида мешавад.

12. Дархости тендерӣ - пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид.

13. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ - лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад.

14. Ҳадди камтарини маблағи харид - нишондиҳандаест, ки барои моддаи хароҷоти гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои як семоҳа муқаррар шуда, то расидан ба он ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад харидро бо тартиби соддакардашуда анҷом диҳад. Ҳадди камтарини маблағи харид барои хариди мол ба дусаду панҷоҳ, барои кор ва хизматрасонӣ ба сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

15. Лот - ҷузъи ҷудонопазири як предмети харид.

16. Расмиёти хариди давлатӣ - маҷмӯи муқарраротe, ки тартиби анҷом додан ва барасмиятдарории хариди давлатиро муайян месозад.

17. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба харид - мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва сиёсати давлатиро дар соҳаи хариди мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ татбиқ менамояд.

18. Комиссияи тахассусӣ - мақоме, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ташкилотҳои харидор мақоми "ташкилоти харидори соҳибихтисос"-ро раво медонад.

## Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

## Моддаи 5. Забони расмиёти хариди давлатӣ

Расмиёти хариди давлатӣ бо забони давлатӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми зарурат расмиёти зикргардида метавонад ба забонҳои русӣ ва ё англисӣ анҷом дода шавад.

## Моддаи 6. Шакли муросилот

Бо мақсади татбиқи муқаррароти Қонуни мазкур ҳангоми иҷрои расмиёти хариди давлатӣ огоҳнома ва (ё) хабардиҳие эътироф карда мешаванд, ки дар шакли хаттӣ таҳия гардидаанд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қисми 1 моддаи 45 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст. Ҳамчунин истифодаи усули факсимилӣ ва электронӣ иҷозат дода мешавад, ба шарте ки агар сабт ва қайди муросилот таъмин гардад. Ҳангоми истифодаи усули факсимилӣ муросилот бояд дар шакли хаттӣ тасдиқ гардад, ки ин имконият медиҳад саҳеҳ муқаррар карда шавад, ки ҳуҷҷатро маҳз шахси дархостнамуда ё огоҳиномаро ирсолнамуда тибқи мӯҳлатҳои дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррargardида фиристодааст *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 7. Принсипи махфият

1. Иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ бояд принсипи махфияти маълумоти пешниҳодкарда ва истифодашавандаи дорои сирри давлатӣ ё сирри тиҷоратиро риоя кунанд.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқи ошкор намудани чунин маълумотро надорад:

- маълумотеро, ки ошкор намудани он ба манфиати давлат намебошад ё ба манфиати тиҷоратии иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ва ё принсипҳои рақобати одилона зарар мерасонад;

- маълумотро доир ба омӯзиш, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерии пешниҳодшуда ва мӯҳтавои он то анҷоми озмуни харид.

3. Шахсоне, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё тиҷоратиро ошкор менамоянд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## Моддаи 8. Мухолифати манфиатҳо

1. Ба шахсоне, ки ҷиҳати намояндагӣ кардани ташкилоти харидор ваколатдор карда шудаанд, манъ аст *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*:

- таъсир расонидан ба расмиёти хариди давлатӣ ба манфиати ҳар гуна тарафҳои харид;

- иштирок ба сифати молрасон (пудратчӣ) ва ё ба сифати намояндаи ҳуқуқии он ҳангоми хариде, ки мутобиқи Қонуни мазкур танзим мегардад;

- иштирок дар қабули қарорҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ, агар онҳо бо ин ё он иштирокчии озмуни харид робитаи хешутаборӣ ё корӣ дошта бошанд, мустақим ё ғайримустақим ба натиҷаҳои харид манфиатдор бошанд.

2. Ҳангоми аз ҷониби шахсоне, ки ҷиҳати намояндагӣ кардани ташкилоти харидор ваколатдор карда шудаанд вайрон кардани муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур онҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида шуда, расмиёти хариди давлатӣ боздошта мешавад ва ё бо қарори ташкилоти харидор ё мақоми ваколатдор қатъ мегардад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Шахс наметавонад ташкилоти харидорро намояндагӣ кунад, дигар ӯҳдадориҳои вобаста ба расмиёти хариди давлатиро иҷро кунад ё вазифаи мушовирро оид ба расмиёти хариди давлатӣ анҷом диҳад, агар:

- бо молрасон (пудратчӣ) ҳамсар бошад ё робитаи мустақими хешутаборӣ, муносибатҳои фарзандхондӣ, васоят ё парасторӣ дошта бошад;

- дар ҷараёни ду соли охири қабл аз расмиёти хариди давлатӣ хизматчӣ ё шахси мансабдори молрасоне (пудратчие) бошад, ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок менамояд.

4. Рад кардани дархости тендерӣ, пешниҳод ва нархнома дар натиҷаи риоя накардани талаботи моддаи мазкур бо зикри мушаххаси сабабҳо дар ҳисоботи расмиёти харид инъикос гардида, фавран ба молрасони (пудратчии) манфиатдор хабар дода мешавад.

# БОБИ 2. ИШТИРОКЧИЁНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## Моддаи 9. Иштирокчиёни хариди давлатӣ

1. Иштирокчиёни хариди давлатӣ мутобиқи Қонуни мазкур инҳоянд:

- ташкилотҳои харидор;

- молрасонҳо (пудратчиён);

- мақомоти ваколатдор.

2. Ташкилотҳои харидор - иштирокчиёни хариди давлатӣ дар ҳолати қонеъгардонии талаботи тахассусии муқаррарнамудаи моддаи 10 Қонуни мазкур метавонанд инҳо бошанд:

- ташкилотҳои буҷетӣ, мақомоти давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ;

- ташкилотҳои коммуналие, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд;

- муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

- фондҳои мақсадноке, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ таъсис дода шудаанд;

- ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои муштарак, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмия ё ҳиссаи фонди оинномавӣ ба давлат тааллуқ дорад;

- филиалҳо ва ё намояндагиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии номбаршуда;

- бонкҳои давлатӣ, ки барои эҳтиёҷоти дохилӣ харид мекунанд.

## Моддаи 10. Талаботи тахассусӣ нисбати ташкилотҳои харидор

1. Ташкилоти харидоре, ки ҳуқуқ дорад мустақилона ҳамаи харидро анҷом диҳад, бояд талаботи тахассусии зеринро қонеъ гардонад:

- дорои захираҳои молиявӣ, таҷҳизот, дигар имконоти моддӣ ва техникие бошад, ки барои харид мутобиқи талаботи Қонуни мазкур зарур аст;

- дар сохтори худ воҳиди махсус (минбаъд - воҳиди харид) ё шахсони мансабдори дорои Сертификати мутахассис оид ба харид дошта бошад, ки барои харид масъуланд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- барои соҳаҳои гуногуни харид ҷиҳати ташкили комиссияҳои тендерӣ дар ҳар як тендер мутахассисони соҳибихтисос дошта бошад;

- ғайри қобили пардохт набошад, дар ҷараёни муфлисшавӣ қарор надошта бошад, амволи он таҳти гарав, фаъолияти он дар ихтиёрдории судӣ ё шахси аз ҷониби суд таъингардида, фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошташуда ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор нагирифта бошад;

- ӯҳдадориҳои он вобаста ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда бошанд;

- аз расмиёти харид барканор ва ё барои дағалона вайрон кардани расмиёти харид ва расонидани зарар ба молрасон (пудратчӣ), инчунин барои сари вақт анҷом надодани пардохт номи он ба феҳристи (реестри) мақомоти ваколатдор оид ба ташкилоти харидори беэътимод (бевиҷдон) дохил нашуда бошад;

- пеш аз оғози харид дорои тасдиқномаи хазинадорӣ ва ё бонки хизматрасон бошад, ки мавҷудияти маблағи заруриро барои анҷом додани хариди давлатӣ тасдиқ менамояд;

- барои бастани қарордоди харид соҳибҳуқуқ бошад.

2. Мутобиқи дархости ташкилоти харидор ҳуҷҷатҳои дар сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи мазкур зикргардидаро мақомоти молиявӣ ва ё бонкҳо бояд дар мӯҳлати се рӯз пешниҳод намоянд.

3. Қарор дар хусуси додани мақоми (статуси) "ташкилоти харидори соҳибихтисос"-ро комиссияи тахассусӣ ҳангоми аз ҷониби ташкилоти харидор пешниҳод намудани ҳамаи далелҳои дар моддаи мазкур зикргардида қабул мекунад ва аз лаҳзаи ба феҳристи (реестри) ташкилоти харидор дохил намудани он эътибор пайдо мекунад. Дохил намудани ташкилоти харидор ба феҳрист (реестр) аз ҷониби мақоми ваколатдор тибқи тартибе, ки худи он муқаррар намудааст, дар давоми як рӯзи баъди гирифтани огоҳиномаи комиссияи тахассусӣ анҷом дода мешавад. Ворид намудан ба феҳрист (реестр) ва додани маълумот оид ба мақоми ташкилоти харидор ройгон анҷом дода мешавад.

## Моддаи 11. Воҳиди харид

1. Воҳиди хариди ташкилоти харидор бояд мутахассисонеро дар бар гирад, ки ақаллан яке аз онҳо дорои сертификати мутахассиси харид буда, он аз ҷониби мақомоти ваколатдор дода шуда бошад.

2. Роҳбари ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад ба ҳайати воҳиди харид дохил шавад.

3. Воҳиди харид ройгон фаъолият мебарад ва наметавонад ба ҳайси тараф дар қарордоди харид амал кунад.

## Моддаи 12. Вазифаҳои воҳиди харид

1. Воҳиди харид дар мӯҳлати даҳ рӯзи баъди мувофиқаи сметаи хароҷот бо мақомоти молиявӣ ба мақомоти ваколатдор нақшаи хариди давлатии ташкилоти худро барои соли навбатии молиявӣ мутобиқи намунаҳои тасдиқкардаи мақомоти ваколатдор пешниҳод менамояд.

2. Ба зиммаи воҳиди харид вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- таҳияи барномаи ҳарсолаи хароҷоти ба мақсади харид пешбинишуда;

- таҳияи нақшаи ҳар як хариди алоҳида;

- таъмини риояи расмиёти харид, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур мувофиқа намудани усули интихобкардаи харид бо мақомоти ваколатдор;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо истифодаи ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ, ки мақомоти ваколатдор таҳия намудааст;

- ташкил намудани нашри эълонҳо оид ба харид дар бюллетени хариди давлатӣ ё мустақиман ирсол намудани даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид ба молрасонҳои (пудратчиёни) эҳтимолӣ;

- ба роҳбари ташкилоти харидор манзур доштани пешниҳод оид ба ҳайати шахсии аъзои комиссияи тендерӣ ва номзад ба мансаби раиси он;

- дар асоси тавсияи комиссияи тендерӣ баровардани қарор дар бораи эътирофи ғолиби озмуни харид ва ҷиҳати тасдиқ ба роҳбари ташкилоти харидор пешниҳод намудани он;

- аз номи ташкилоти харидор чоп намудани маълумоти марбут ба натиҷаҳои озмуни харид дар Бюллетени хариди давлатӣ;

- таъмини ҷамъоварӣ ва нигоҳдошти ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба расмиёти харид дар давоми се сол;

- таҳияи ҳисоботи семоҳа дар бораи расмиёти хариди иҷрошуда ва тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳбари ташкилоти харидор ва мақомоти ваколатдор пешниҳод намудани он *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 13. Комиссияи тендерӣ

1. Комиссияи тендериро роҳбари ташкилоти харидор бо пешниҳоди воҳиди харид барои ҳар як хариди алоҳида таъсис медиҳад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Комиссияи тендерӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳибихтисоси соҳаҳое, ки ба мавзӯи (предмети) харид мувофиқанд ва мутахассис оид ба харид ташкил гардида, бояд шумораи тоқ, вале на камтар аз се нафарро дар бар гирад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Роҳбари ташкилоти харидор наметавонад ба ҳайати комиссияи тендерӣ дохил шавад.

4. Комиссияи тендерии ташкилоти харидор наметавонад ба сифати тарафи қарордод баромад намояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 14. Вазифаҳои комиссияи тендерӣ

Комиссияи тендерии ташкилоти харидор:

- дархостҳои тендериро дар мӯҳлати дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида мекушояд, протоколи дахлдори кушодани дархостҳои тендериро тартиб медиҳад;

- баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендериро анҷом медиҳад, расмиёт ва меъёрҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендериро мутобиқи Қонуни мазкур иҷро мекунад ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои тендер таҳия менамояд;

- оид ба муайян намудани ғолиби озмуни харид ё дар мавриди қабул намудани қарори дигар оид ба натиҷаҳои расмиёти харид, тавсия медиҳад.

## Моддаи 15. Довталаб

1. Молрасон (пудратчӣ) аз лаҳзаи ба ташкилоти харидор пешниҳод намудани дархости тендерӣ мақоми довталабро соҳиб мешавад.

2. Мақоми довталаб дар ҳолатҳои зерин аз эътибор соқит дониста мешавад:

- бо хоҳиши довталаб -дар ҳар лаҳзаи давраи омодагирӣ;

- ҳангоми нагузаштан аз давраи якуми озмуни думарҳилавии харид;

- ворид накардани кафолати дархости тендерӣ ҳангоми пешниҳоди дархости тендерӣ, агар он дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шуда бошад;

- дар натиҷаи аз ҷониби довталаб вайрон кардани Қонуни мазкур.

3. Довталаб ҳуқуқ дорад аз ташкилоти харидор оид ба шарт ва тартиби гузаронидани расмиёти харид маълумоти дахлдор ба даст орад.

## Моддаи 16. Талаботи тахассусӣ нисбати молрасонҳо (пудратчиён)

1. Барои ноил шудан ба мақоми тарафи эҳтимолии қарордоди харид молрасон (пудратчӣ) бояд ҷавобгӯи талаботи тахассусии зерин бошад:

- дорои салоҳияти кофии касбӣ ва техникӣ, таҷриба ва шӯҳрати корӣ, захираҳои молиявӣ, таҷҳизот ва дигар имкониятҳои моддию техникӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба қарордоди харид бошад;

- ғайри қобили пардохт ё муфлис ва ё дар ҳолати муфлисшавӣ қарор дошта набошад, амволи он таҳти гарав, бо манъи ҳуқуқи истифода бурдан қарор надошта бошад фаъолияти он дар ихтиёрдории судӣ ё шахси аз ҷониби он таъингардида набошад, фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошта нашуда ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор нагирифта бошад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок бо ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадӣ суд аз машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум нашуда бошад;

- оид ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ қарздор набошад;

- барои пешниҳоди маълумоти бардурӯғ, далелҳои таҳрифӣ ё гумроҳ сохтан нисбати маълумоти тахассусӣ бо мақсади бастани қарордод оид ба хариди давлатӣ аз расмиёти харид барканор нашуда бошад ва ном ё номгӯи ӯ ба феҳристи (реестри) молрасони (пудратчии) беэътимод (бевиҷдон) аз ҷониби мақомоти ваколатдор дохил карда нашуда бошад;

- барои имзои қарордоди харид соҳибҳуқуқ бошад.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад аз молрасонҳо (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок мекунанд, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққкунанда ё дигар маълумотеро, ки мутобиқати онҳоро ба талаботи тахассусии пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур тасдиқ мекунад, талаб намояд.

3. Талаботи тахассусии пешбининамудаи моддаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ (агар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ анҷом дода шавад) ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ ё дигар ҳуҷҷатҳо оид ба ҷалби пешниҳодот ва нархномаҳо инъикос мегардад. Ин талаботи тахассусӣ нисбат ба ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён) баробар татбиқ мегардад.

4. Ташкилоти харидор маълумоти тахассусии молрасонҳо (пудратчиён) - ро мутобиқи меъёрҳои тахассусии дар ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ (агар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ анҷом дода шавад) ва ҳуҷҷатҳои тендерӣ инъикосёфта арзёбӣ мекунад.

5. Ташкилоти харидор ба истисноӣ меъёрҳо, расмиёт ва талаботи тахассусии муайяннамудаи моддаи мазкур наметавонад дигар меъёрҳо, расмиёт ва талаботи тахассусиро, ки сабаби тафриқа дар байни молрасонҳо (пудратчиён) мешавад, муқаррар кунад.

## Моддаи 17. Расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ

1. То оғози расмиёти озмуни харид оид ба хариди давлатӣ ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад барои муайян намудани молрасонҳо (пудратчиён), ки ҷавобгӯи талаботи тахассусии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур мебошанд, расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ доир намояд.

2. Оид ба таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ташкилоти харидор ӯҳдадор аст ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) эҳтимолиро дар мӯҳлати на дертар аз як моҳи тақвимӣ то эълони расмии озмуни харид бо роҳи нашр намудани маълумот дар воситаҳои ахбори омма ва Бюллетени хариди давлатӣ ва ҳангоми зарурат дар нашриёҳои байналмилалӣ огоҳ намояд.

3. Маълумот оид ба таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ҳадди ақал бояд дорои маълумоти зерин бошад:

- ном ва суроғаи ташкилоти харидор;

- хусусият ва сифати молҳое, ки бояд расонида шавад ва мӯҳлати расонидани он, хусусият, ҳаҷм ва маҳалли иҷрои кор ва мӯҳлати иҷрои он, мӯҳлат, хусусият ва маҳалли хизматрасонӣ;

- манбаи маблағгузории хариди давлатӣ;

- хорич карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- усул ва маҳалли пешниҳоди дархост барои интихоб ҳангоми баррасии пешакии тахассусӣ;

- усул ва маҳалли ба даст овардани ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ;

- андоза, тартиб ва мӯҳлати пардохте, ки аз ҷониби ташкилоти харидор барои фароҳам кардани ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ ситонида мешавад.

4. Ташкилоти харидор бо гузашти се рӯзи баъди эълони расмӣ дар хусуси таъини расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ва на дертар аз даҳ рӯз то эълони расмӣ оид ба оғози расмиёти озмуни харид вазифадор аст ба ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) манфиатдор ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусиро фароҳам орад, ки аз инҳо иборатанд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*:

- маълумоти пешбининамудаи қисми 3 моддаи мазкур;

- дастур оид ба тартиби омодасозӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати иштирок дар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ;

- инъикоси меъёрҳо ва расмиёти арзёбии маълумоти тахассусии молрасонҳо (пудратчиён);

- номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқати молрасонҳоро (пудратчиёнро) ба маълумоти тахассусӣ тибқи қисми 1 моддаи 16 Қонуни мазкур тасдиқ менамояд;

- ном ва мансаби кормандони ташкилотҳои харидор, ки ваколатдоранд бо молрасонҳо (пудратчиён) дар хусуси анҷом додани расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ дар тамос бошанд ва роҳҳои тамоси байни онҳо.

5. Ташкилоти харидор вазифадор аст ба ҳама гуна дархости молрасон (пудратчӣ) вобаста ба тавзеҳи ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ, ки дар доираи мӯҳлатҳои барои пешниҳоди дархост ҷиҳати иштирок дар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ ирсол гардидаанд, ҷавоб диҳад.

6. Ташкилоти харидор вазифадор аст нисбат ба маълумоти тахассусии ҳар як молрасон (пудратчӣ), ки барои иштирок дар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ дархост додааст, қарор қабул кунад. Ҳангоми қабули қарор ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад танҳо он меъёрҳоеро истифода барад, ки дар ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ муқаррар гардидаанд.

7. Барои иштироки минбаъда дар расмиёти хариди давлатӣ танҳо ба он молрасонҳое (пудратчиёне) иҷозат дода мешавад, ки ҳангоми баррасии пешакии тахассусӣ интихоб шудаанд.

8. Ташкилоти харидор дар мӯҳлати на дертар аз ду рӯзи кории баъди қабули қарор дар бораи расмиёти интихоб тариқи баррасии пешакии тахассусӣ ҳар як молрасони (пудратчии) барои иштирок дар расмиёти баррасии пешакии тахассусӣ дархостдодаро оид ба натиҷаи баррасии пешакии тахассусӣ огоҳ месозад.

9. Рӯйхати молрасонҳо (пудратчиён), ки дар асоси натиҷаҳои баррасии пешакии тахассусӣ барои иштирок дар расмиёти минбаъдаи хариди давлатӣ иҷозат дода шудаанд, бояд дар воситаҳои ахбори омма ва ё Бюллетени хариди давлатӣ чоп карда шавад.

## Моддаи 18. Реҷаи мусоид барои истеҳсолкунандагони дохилӣ

*(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*

Бо мақсади дастгирии соҳаи истеҳсолот барои истеҳсолкунандагони дохилӣ реҷаи мусоид татбиқ мегардад, ки қоидаҳои онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 19. Маҳрум намудани молрасонҳо (пудратчиён) аз иштирок дар хариди давлатӣ

1. Молрасонҳо (пудратчиён) бо қарори ташкилоти харидор аз иштирок дар расмиёти хариди давлатӣ дар ҳолатҳои зерин маҳрум карда мешаванд:

- ҳангоми аз ҷониби онҳо иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои худ ҳатто нисбат ба як қарордоди хариди давлатӣ дар ҷараёни ду соли охири қабл аз оғози расмиёти харид;

- ҳангоми муфлис эълон кардани онҳо ё дар ҷараёни муфлисшавӣ қарор доштани онҳо;

- пешниҳоди иттилооти бардурӯғ, далелҳои таҳрифкунанда, гумроҳсозанда оид ба маълумоти тахассусии худ *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- пешниҳоди маълумоти моҳиятан носаҳеҳ ё моҳиятан нопурра оид ба тахассуси худ.

2. Ҳангоми ошкор намудани вазъи пешбининамудаи сархати сеюми қисми 1 моддаи мазкур ташкилоти харидор ўҳдадор аст бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба мақомоти ваколатдор барои ҳалли масъалаҳои дохил кардани молрасон (пудратчӣ) ба феҳристи (реестри) молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) муроҷиат намояд.

3. Ташкилоти харидор наметавонад молрасонро (пудратчиро) аз иштирок дар хариди давлатӣ маҳрум намояд, агар маълумоти тахассусии пешниҳоднамудаи ў ба таври назаррас носаҳеҳ ё нопурра набошад, ба шарте ки агар молрасон (пудратчӣ) бо хоҳиши ташкилоти харидор фавран ин норасоиҳоро бартараф кунад.

4. Далели маҳрум намудани молрасон (пудратчӣ) аз расмиёти харид ва сабабҳои он дар ҳисобот оид ба расмиёти харид инъикос гардида, дар ин хусус ба молрасон (пудратчӣ) фавран хабар дода мешавад.

## Моддаи 20. Вазифаҳои асосии мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ

1. Вазифаҳои асосии мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ аз инҳо иборатанд:

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешбининамудаи Қонуни мазкур барои фаъолияти соҳаи хариди давлатӣ, ки тартиб ва расмиёти харид, бастани қарордодҳо ва пардохтҳои марбутаи онҳоро дар бар мегирад;

- ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти ташкилотҳои харидор ҷиҳати анҷом додани хариди давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ;

- назорати ташкилотҳои харидор оид ба риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ;

- баррасии шикоят ва эътирозҳо оид ба масъалаҳои риояи қонунгузорӣ дар бораи хариди давлатӣ ва дар доираи салоҳияти худ баровардани қарор, ки қисми 1 моддаи 81 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- таҳия ва нашри ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ, ки бояд аз ҷониби ҳамаи ташкилотҳои харидор ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерии худ барои хариди дахлдор ҳатман истифода карда шаванд;

- нисбат ба вайронкунандагони расмиёти хариди давлатӣ, ташкилотҳои харидоре, ки қарори мақоми ваколатдорро иҷро накардаанд, чораҳои пешбинишудаи ҷавобгарии маъмуриро татбиқ намояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- додани маслиҳат оид ба масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар бораи хариди давлатӣ;

- ташкили такмили ихтисос ва бозомўзии мутахассисон оид ба хариди давлатӣ;

- анҷом додани хариди давлатӣ ба маблағи бештар аз ҳадди камтарини маблағи харид аз номи ташкилоти харидор, ки ба талаботи тахассусии пешбининамудаи Қонуни мазкур мувофиқ намебошад.

2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ваколатдор бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма ва ё Бюллетени хариди давлатӣ чоп карда шаванд.

3. Дар ҳолати анҷом додани хариди давлатӣ аз номи ташкилоти харидоре, ки ба талаботи тахассусӣ мувофиқат намекунад, мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ барои тамоми ҷараёни харид пурра мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад. Ҳамзамон ба ташкилоти харидор дар комиссияи тендерӣ бояд аксарияти ҷойҳо ҷудо карда шавад.

## Моддаи 21. Феҳристи (реестри) молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон)

1. Пешбурди феҳристи (реестри) молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) ба зиммаи мақомоти ваколатдор гузошта мешавад.

2. Мақомоти ваколатдор бояд муроҷиати ташкилоти харидорро, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 19 Қонуни мазкур пешниҳод гардидааст баррасӣ намуда, ҳангоми муайян намудани далелҳои кофии пешниҳодшуда ном ё номгўйи довталаби молрасон (пудратчӣ) гунаҳкорро ба феҳристи (реестри) молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) дохил намояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Ном ва номгўйи довталабон молрасон (пудратчӣ), сабаби дохил кардани онҳо ба феҳрист (реестр) ва мўҳлати маҳрум намудан аз иштирок дар хариди давлатӣ бояд дар Бюллетени хариди давлатӣ ва веб-сайти мақомоти ваколатдор чоп карда шавад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

4. Хориҷ кардани довталаб аз феҳристи (реестри) молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) мутобиқи пешниҳоди довталаби марбута баъди мўҳлати хориҷ шудани онҳо аз иштирок дар хариди давлатӣ бо фармони роҳбари мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад.

### Моддаи 22. Комиссияи тахассусӣ

1. Комиссияи тахассусӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати на камтар аз нӯҳ нафар таъсис дода мешавад.

2. Аъзои комиссияи тахассусӣ фаъолияти худро ройгон анҷом медиҳанд.

3. Комиссияи тахассусӣ дархостҳои ташкилоти харидорро ҷиҳати ба он додани мақоми ташкилоти харидори соҳибихтисос дар мӯҳлати даҳ рӯз баррасӣ намуда, оид ба қарори қабулнамудааш хулосаи хаттӣ медиҳад.

4. Хулосаи комиссияи тахассусӣ барои дохил намудани ташкилоти харидор ба феҳристи (реестри) ташкилотҳои харидори соҳибихтисос асос мебошад.

### Моддаи 23. Анҷом додани хариди муштараки мутамарказ

Дар ҳолатҳое, ки якчанд ташкилоти харидор мақсади хариди як ё якчанд маводи (предмети) истифодаи умумиро дошта бошанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мақомоти мушаххаси идораи давлатиро таъин намояд, ки расмиёт ва анҷом додани хариди муштаракро ба тариқи мутамарказ аз номи ташкилотҳои мазкур анҷом диҳад.

## БОБИ 3. УСУЛҲОИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### Моддаи 24. Усулҳои хариди давлатӣ

1. Хариди давлатӣ бо усулҳои зерин анҷом дода мешавад:

- озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд;

- озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд;

- усули "рӯйхати мухтасар" (озмуни махсуси харид бо иштироки маҳдуд барои хариди хизматрасонии машваратӣ);

- дархости нархномаҳо;

- харид аз як манбаъ;

- хариди электронӣ.

2. Усули асосии хариди давлатӣ озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд мебошад. Ин усул аз ҷониби ташкилотҳои харидор бояд ҳамеша истифода карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур махсус истифодаи дигар усулро иҷозат медиҳад Интихоби усули дигари хариди давлатӣ танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор анҷом дода мешавад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Хариди давлатӣ, ки арзиши он аз ҳадди камтарини маблағи харид зиёд нест, метавонад тибқи муқаррароти моддаи 29 Қонуни мазкур сурат гирад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

4. Хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

5. Хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

### Моддаи 25. Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд

Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд озмуни хариде эътироф мегардад, ки бо иштироки теъдоди номаҳдуди молрасонҳои (пудратчиёни) ҷиҳати иштирок дар расмиёти хариди давлатӣ даъватгардида баргузор мешавад.

### Моддаи 26. Озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд

1. Озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд дар ҳолатҳои зерин баргузор карда мешавад, агар:

- хароҷоте, ки барои баррасӣ ва арзёбии шумораи зиёди дархостҳои тендерӣ зарур аст, аз се як қисми арзиши мол, кор ва хизматрасонии мавриди харидро ташкил диҳад. Ҳамзамон ташкилоти харидор барои таъмини рақобат дархостҳои тендерии шумораи лозимии молрасонҳо (пудратчиён), вале на камтар аз се нафарро ҷалб менамояд;

- мол, кор ё хизматрасонӣ ба сабаби мураккабии сохти техникӣ ё табиати махсуси худ, вазъи баамаломада дар бозори мол, кор ва хизматрасонии мушаххас танҳо дар ихтиёри доираи маҳдуди молрасонҳо (пудратчиён) мавҷуд бошад. Дар ин ҳолат ташкилоти харидор дархостҳои тендерии ҳамаи молрасонҳоро (пудратчиёнро), ки метавонанд чунин навъи мол, кор ва хизматрасониро фароҳам оранд, ҷалб менамояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Дар бораи доир кардани расмиёти хариди давлатӣ бо истифодаи озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд ташкилоти харидор дар бюллетени хариди давлатӣ огоҳинома чоп менамояд.

## Моддаи 27. Дархости нархномаҳо

1. Ташкилоти харидор усули дархости нархномаҳоро барои хариди мол ё хизматрасонии дастрасбудае истифода менамояд, ки вобаста аз мушаххасоти таснифотии ташкилоти харидор истеҳсол ва ё фароҳам карда намешаванд, балки барои онҳо бозоре вуҷуд дорад, ки нархи хариди онҳо аз ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар аст. Дар ҳолатҳои махсус дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор ташкилоти харидор метавонад хариди давлатии молро ба маблағе, ки аз дувоздаҳ ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест, аз тариқи дархости нархномаҳо анҷом диҳад. Номгӯи ҳолатҳои махсус аз тарафи мақоми ваколатдор бо тартиби муқарраргардида тасдиқ карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Ташкилоти харидор аз он теъдоди молрасонҳо (пудратчиён), ки амалан мувофиқи мақсад меҳисобад, вале на камтар аз се нафар, нархнома дархост менамояд. Ба ҳар як молрасон (пудратчӣ), ки аз ӯ нархнома талаб карда мешавад, иттилоъ дода мешавад, ки оё ба нарх, ба ғайр аз хароҷоти марбут ба худи мол, кор ё хизматрасонӣ, ин ё он унсури арзиш (аз ҷумла хароҷоти марбут ба ҳамлу нақл, суғурта, пардохтҳои гумрукӣ ва андоз) дохил карда мешавад ё на.

3. Иҷозат дода мешавад, ки аз ҷониби ҳар як молрасон (пудратчӣ) танҳо як нархнома пешниҳод карда шавад ва тағйир додани нархномаи худ номақбул аст. Байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ) дар хусуси нархномае, ки ҳамин молрасон (пудратчӣ) пешниҳод кардааст, ҳеҷ гуна гуфтушунид гузаронида намешавад.

4. Қарор дар хусуси бастани қарордоди харид ба манфиати он молрасоне (пудратчие) қабул карда мешавад, ки нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод кардааст ва эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад.

5. Тақсими гурӯҳи молҳо ё лифофаи хизматрасониҳо мавриди харид бо мақсади истифодаи усули дархости нархномаҳо барои ба таври сунъӣ паст кардани ҳадди арзиши пешбининамудаи моддаи мазкур манъ аст.

6. Мақомоти ваколатдор метавонад тибқи санади худ шакли намунавии дархости нархномаҳоро муқаррар намояд.

## Моддаи 28. Харид аз як манбаъ

1. Харид аз як манбаъ - расмиёти хариди давлатӣ мебошад, ки ҳангоми он ташкилоти харидор қарордоди харидро баъди гуфтушунид танҳо бо як молрасон (пудратчӣ) ба имзо мерасонад.

2. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор метавонад дар бораи харид аз як манбаъ танҳо дар ҳолатҳои зерин қарор қабул кунад:

- агар он дар давоми шаш моҳи баъди лаҳзаи бастани қарордод фармоишҳои иловагӣ диҳад, ки аз 15 фоизи арзиши хариди пешина зиёд нест, инчунин меъёр, сатҳ ва стандартҳои собиқаро риоя мекунад;

- имзои қарордод ҳангоми гузаронидани тадқиқот, озмоиш ё таҳияи хулосаи илмӣ;

- агар мол, кор ё хизматрасонии мазкур танҳо дар ихтиёри ин ё он молрасони (пудратчии) мушаххас мавҷуд бошад ё ин ё он молрасон (пудратчӣ) нисбат ба ҳамин мол, кор ё хизматрасонӣ дорои ҳуқуқҳои истисноӣ бошад;

- ҳангоми анҷом додани харид ҷиҳати иҷрои лоиҳаи эҷодӣ ё фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи санъат ё фарҳанг;

- ҳангоми ба миён омадани зарурати фаврӣ ҷиҳати харид дар робита бо ҳолатҳое, ки ташкилоти харидор наметавонист онро пешбинӣ намояд.

## Моддаи 29. Тартиби соддаи хариди давлатӣ

1. Бо мақсади таъмини самаранокӣ ва фаврияти қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ ташкилоти харидор метавонанд хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро тибқи тартиби содда ба маблағи на болотар аз ҳадди камтарини маблағи харид анҷом диҳанд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Расмиёти анҷом додани хариди давлатӣ тибқи тартиби соддаи харид аз ҷониби мақомоти ваколатдор муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 30. Хариди электронӣ

1. Хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ метавонад бо истифодаи мубодилаи электронии маълумот байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ) анҷом дода шавад. Истифодаи ин усули хариди давлатӣ танҳо ҳангоми таъмини аслият, эътимоднокӣ ва махфияти маълумот иҷозат дода мешавад.

2. Усули хариди электронӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## БОБИ 4. РАСМИЁТИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## §1. РАСМИЁТИ ОЗМУНИ ХАРИД

### Моддаи 31. Даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид

Ташкилоти харидор нияти худро ҷиҳати хариди давлатӣ бо роҳи дар воситаҳои дастраси умумии ахбори оммаи миллӣ ва (ё) байналмилалӣ ва Бюллетени хариди давлатӣ чоп намудани даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид изҳор менамояд.

### Моддаи 32. Мӯҳтавои даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид

1. Даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид ҳадди ақал бояд дорои маълумоти зерин бошад:

- ном ва суроғаи ташкилоти харидор;

- хусусият, миқдори мол ва маҳалли расонидани он, хусусият ва маҳалли коре, ки бояд иҷро гардад ё хусусияти хизматрасонӣ ва маҳалле, ки дар он хизматрасонӣ амалӣ мегардад;

- мӯҳлатҳои матлуб ё талабшавандаи молрасонӣ, анҷоми кор ё хизматрасонӣ;

- маълумоти тахассусие, ки молрасонҳо (пудратчиён) бояд ба он мувофиқ бошанд;

- хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- мӯҳлат, маҳал ва усули ба даст овардани ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

- ҳаҷми пардохт барои фароҳам овардани ҳуҷҷати тендерӣ (агар он муқаррар карда шуда бошад);

- маҳал ва мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад ба даъватнома барои иштирок дар озмуни харид нисбати озмуни хариди дар пешистода дар доирае, ки Қонуни мазкур иҷозат медиҳад, маълумоти иловагӣ дохил намояд.

3. Шакли намунавии даъватномаро ҷиҳати иштирок дар озмуни харид мақомоти ваколатдор тасдиқ менамояд.

### Моддаи 33. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тендерӣ

1. Ташкилоти харидор ба молрасонҳо (пудратчиён), ки хоҳиш кардаанд дар озмуни харид иштирок намоянд, лифофаи пурраи ҳуҷҷатҳои тендериро дар мӯҳлати на дертар аз як рӯзи аз онҳо гирифтани дархости дахлдор дастрас мекунад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Ҳангоми баргузор кардани озмуни харид бо иштироки маҳдуд ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳамзамон бо даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид дастрас карда мешавад.

3. Ҳангоми амалӣ кардани расмиёти озмуни думарҳилавии харид ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба ҳар як молрасон (пудратчӣ), ки аз марҳилаи якум гузаштааст, фароҳам оварда мешавад.

4. Барои фароҳам овардани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ташкилоти харидор метавонад дар ҳаҷми маблағе, ки барои ҷуброни хароҷоти таҳияи он, ирсол ва нашри эълон дар воситаҳои ахбори омма заруранд, маблағ ситонад ва ин маблағ баргардонида намешавад.

### Моддаи 34. Мӯҳтавои ҳуҷҷатҳои тендерӣ

1. Ҳуҷҷатҳои тендерӣ бояд ҳадди ақал дорои маълумоти зерин бошанд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*:

- дастур оид ба таҳияи дархостҳои тендерӣ, ки мақомоти ваколатдор тасдиқ намудааст;

- меъёрҳо ва усули арзёбии мутобиқати молрасонҳо (пудратчиён) ба талаботи тахассусӣ мутобиқи моддаи 16 Қонуни мазкур;

- талаботи далелҳои ҳуҷҷатӣ ё дигар маълумоте, ки молрасонҳо (пудратчиён) бояд барои тасдиқи маълумоти тахассусии худ пешниҳод намоянд;

- тавсифот ва хусусиятҳои зарурии техникӣ ва сифатии мол, кор ва хизматрасонӣ мавриди харид, аз ҷумла мушаххасоти техникӣ, нақшаҳо, ҷадвал ва ангораҳо (эскизҳо); миқдори мол; хизматрасонии иловагӣ мутобиқи қарордод; маҳалле, ки дар он бояд кор ё хизматрасонӣ анҷом дода шавад;

- мӯҳлатҳои матлуб ё зарурии иҷрои қарордод;

- тавсифоти ҳамаи меъёрҳо, ба истиснои нарх, ки ҳангоми арзёбии дархостҳои тендерии ташкилоти харидор истифода мешаванд, аз ҷумла аҳамияти нисбии чунин меъёрҳо, ки бояд дар ифодаи пулӣ ва ё баҳо (балҳо) арзёбӣ шаванд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- муқаррароте, ки ташкилоти харидор муҳим донистааст ва он ба қарордоди хаттӣ ворид карда мешавад;

- тавсифоти як қисм ё якчанд қисми молҳои мавриди харид, ки ба онҳо дархостҳои тендерӣ пешниҳод мешаванд, агар ба молрасонҳо (пудратчиён) иҷозат дода шуда бошад, ки танҳо ба як қисми мол, кор ё хизматрасонӣ мавриди харид дархости тендерӣ пешниҳод намоянд;

- усули ҳисоб ва ифодаи арзиши дархости тендерӣ, аз ҷумла дастур дар мавриди он ки оё нарх, ба ғайр аз арзишҳои худи мол, кор ё хизматрасонӣ (хароҷот барои ҳамлу нақл ва суғурта, пардохтҳои гумрукӣ ва андоз ва ғайра) бояд дигар унсурҳоро дар бар гирад;

- ҳангоми пешниҳоди дархости тендерӣ бо асъори хориҷӣ , усули муқоисаи нархҳои дархостҳои тендерӣ, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд;

- талабот нисбат ба шакл, маблағ ва дигар шартҳои асосии кафолати дархости тендерӣ ва иҷрои қарордод ва инчунин мӯҳлати эътибори чунин кафолатҳо *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- маҳалли аниқ ва мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ;

- тавсифи расмиёт барои фароҳам овардани тавзеҳот оид ба ҳуҷҷатҳои тендерие, ки молрасон (пудратчӣ) талаб кардааст, инчунин баёния дар мавриди он ки оё ташкилоти харидор ният дорад дар ҳамин давра бо молрасон (пудратчӣ) вохӯрӣ гузаронад;

- бо нишон додани мӯҳлате, ки дар ҷараёни он дархостҳои тендерӣ эътибор доранд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- тавсифи дақиқи маҳал, сана ва вақти кушодани дархостҳои тендерӣ;

- расмиёте, ки ҳангоми кушодан ва баррасии дархостҳои тендерӣ истифода карда мешавад;

- забоне, ки бо он дархостҳои тендерӣ бояд таҳия карда шаванд;

- ном, номи хонавода, мансаб ва суроғаи як ё якчанд шахсони мансабдор ё хизматчиёни ташкилоти харидор, ки ваколатдоранд мустақиман бо молрасонҳо (пудратчиён) дар тамос бошанд ва роҳҳои ингуна тамос;

- огоҳинома оид ба ҳуқуқи молрасонҳо (пудратчиён) ҷиҳати шикоят нисбати амал ё қарори ғайриқонунии комиссияи тендерии ташкилоти харидор дар ҷараёни анҷом додани расмиёти харид;

- шартҳои умумии қарордоди харид ва шакли намунавии қарордод, агар комиссияи тендерии ташкилоти харидор аз молрасон (пудратчӣ) имзои қарордодро талаб намояд.

2. Ҳангоми хариди давлатии кор ва хизматрасонӣ ташкилоти харидор бояд дорои ҳуҷҷате бошад, ки маводи харид, смета ва ведомости ҳаҷми корро дар бар гирад.

3. Мақомоти ваколатдор метавонад бо санади худ маълумоти иловагиро муайян намояд, ки ба ин ҳуҷҷатҳо барои категорияҳои муайяни харид дохил карда мешавад, инчунин шакли намунавии ҳуҷҷатҳои тендериро муқаррар созад.

## Моддаи 35. Тавзеҳот ва ворид кардани тағйирот ба дархости тендерӣ

1. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқ дорад то гузашти мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ аз ташкилоти харидор ҳар гуна тавзеҳи масъалаҳоеро, ки вобаста ба истифодаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба амал меояд, талаб кунад.

2. Ташкилоти харидор вазифадор аст дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи кории баъди гирифтани дархост, вале то гузаштани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ тавзеҳоти хаттӣ диҳад ва онро ба молрасони (пудратчии) дархостнамуда, инчунин бе ошкор кардани манбаи дархост ба ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки барои онҳо ҳуҷҷати тендерӣ дода шудааст, дастрас намояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Ташкилоти харидор дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ то гузаштани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ бо ташаббуси худ ё дар асоси дархости тавзеҳот метавонад ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ аз тариқи иловаҳо тағйирот дохил намояд. Иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ фавран ба иттилои молрасонҳо

(пудратчиён), ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ гирифтаанд, расонида мешавад ва барои онҳо эътибори ҳатмӣ дорад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

4. Агар ташкилоти харидор бо молрасон (пудратчӣ) дар натиҷаи ворид шудани дархост ҷиҳати тавзеҳи ҳуҷҷати тендерӣ гуфтушунид кунад, пас протокол тартиб дода мешавад, ки савол ва ҷавобҳоро бе зикри манбаи ирсолнамудаи дархост дар бар мегирад. Протокол фавран ба ҳамаи молрасонҳое (пудратчиёне), ки ҳуҷҷати тендерӣ гирифтаанд, пешниҳод карда мешавад.

## Моддаи 36. Пешниҳоди дархости тендерӣ

1. Дархости тендерӣ дар шакли хаттӣ таҳия гардида, дар лифофаи мӯҳргузошта мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо риояи шартҳои таъмини аслият ва махфияти дархости тендерӣ ва ташхиси саҳеҳи шахсе, ки онро додааст, пешниҳод карда мешавад.

2. Ташкилоти харидор дар асоси дархости молрасон (пудратчӣ) бо зикри сана ва вақти гирифтани дархости тендерӣ забонхат медиҳад.

## Моддаи 37. Мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ, тағйирот ва бозхонди он

1. Ташкилоти харидор санаи дақиқ ва мӯҳлати охирини пешниҳоди дархости тендериро муқаррар менамояд.

2. Дар ин ҳолат мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ бояд чунин бошад:

- ҳангоми анҷом додани хариди давлатӣ аз тариқи озмуни харид бо иштироки номаҳдуд на камтар аз се ҳафта аз лаҳзаи эълони озмуни харид;

- ҳангоми анҷом додани хариди давлатӣ бо усули озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд на камтар аз як ҳафта аз рӯзи ирсоли даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид.

3. Агар ташкилоти харидор тавзеҳот диҳад ва ё ҳуҷҷатҳои тендериро тағйир диҳад, метавонад мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендериро аз рӯзи ба молрасон (пудратчӣ) додани тавзеҳот ва ё тағйирот ба мӯҳлати даҳ рӯзи корӣ тамдид намояд.

4. Огоҳинома оид ба тамдиди мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ фавран ба ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки барои онҳо ҳуҷҷати тендерӣ дода шудааст, ирсол гардида, ҳамзамон дар ҳамон воситаҳои ахбори омма ва (ё) Бюллетени хариди давлатӣ нашр мегардад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

5. Ҳангоми анҷом додани хариди давлатӣ бо усули озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад мӯҳлати пешниҳоди дархости тендериро маҳдуд намояд. Татбиқи ҳуқуқи маҳдуд намудани мӯҳлат танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки ягон довталаби эҳтимолӣ тамдиди мӯҳлати маҳдудшударо талаб накарда бошад. Дар мавриди изҳори чунин талабот, мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ ба мӯҳлати иловагии талабшуда тамдид карда мешавад, вале наметавонад аз мӯҳлати дар сархати якуми қисми 2 моддаи мазкур муқарраршуда зиёд бошад. Талаботи тамдиди мӯҳлати маҳдудшуда бояд на дертар аз 3 рӯз то оғози кушодани лифофаҳои дорои дархостҳои тендерӣ пешниҳод гардад. Оид ба тамдид намудани мӯҳлати маҳдудшуда довталабоне, ки ҳуҷҷатҳои тендериро дастрас намудаанд, огоҳ карда, ҳамзамон дар ҳамон воситаҳои ахбори омма тағйири дахлдор нашр карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

6. Дар ҳолати татбиқи ҳуқуқи пешбининамудаи қисми 5 моддаи мазкур мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ наметавонад аз рӯзи нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид камтар аз даҳ рӯз бошад. Дар асоси дархости ташкилоти харидор ҳангоми ба миён омадани зарурати хариди фаврӣ, мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ метавонад аз рӯзи нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид камтар аз даҳ рӯз бошад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

7. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқ дорад дархости тендерии худро то гузашти мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ тағйир диҳад ва ё бозхонад.

## Моддаи 38. Мӯҳлати эътибори дархости тендерӣ

1. Дархост дар мӯҳлати дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида эътибор дорад.

2. То гузашти мӯҳлати эътибори дархости тендерӣ ташкилоти харидор метавонад аз молрасонҳо (пудратчиён) тамдиди ин мӯҳлатро барои давраи муайяни иловагӣ дархост кунад. Молрасон (пудратчӣ) метавонад чунин дархостро рад кунад ва ҳуқуқашро ҷиҳати кафолати дархости тендерии худ аз даст надиҳад ва мӯҳлати эътибори дархости тендерии ӯ бо гузашти мӯҳлате, ки тамдид нагардидааст, хотима меёбад.

3. Молрасон (пудратчӣ) метавонад дархости тендерии худро то гузашти мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ тағйир диҳад ё бозхонад ва ҳуқуқи худро ҷиҳати таъмини кафолати дархости тендерӣ аз даст надиҳад. Чунин тағйирот ё огоҳинома дар мавриди бозхондани дархост эътибор дорад, агар он аз ҷониби ташкилоти харидор то гузашти мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ гирифта шуда бошад.

## Моддаи 39. Таъмини кафолати дархости тендерӣ

1. Молрасон (пудратчӣ) бо дархости тендерӣ тибқи дархости ташкилоти харидор ба ин ташкилот кафолати дархостҳои тендериро таъмин мекунад.

2. Андозаи таъмини кафолати дархости тендерӣ бо фоиз аз тарафи ташкилоти харидор дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар мегардад, вале набояд аз арзиши мол, кор ё хизматрасоние, ки молрасонҳо (пудратчиён) дар дархостҳои тендерии худ пешниҳод намудаанд, аз се фоиз зиёд бошад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Таъмини кафолати дархости тендерӣ метавонад дар шакли вомбарг, кафолати бонкӣ, векселҳо, сертификатҳои депозитӣ ё саҳмияҳо, ки барои муомилоти озод истифода мешаванд, пешниҳод карда шавад. Шакли мушаххаси таъмини кафолати дархости тендерӣ аз тарафи ташкилоти харидор муайян гардида, дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикр карда мешавад.

4. Воситаҳои таъмини кафолати дархостҳои тендерӣ ба молрасони (пудратчии) пешниҳодкардаи онҳо дар ҳолатҳои зайл баргардонида мешавад:

- гузаштани мӯҳлати эътибори кафолатномаи дархости тендерӣ;

- эътибор пайдо кардани қарордоди харид ва пешниҳоди кафолатномаи иҷрои қарордоди харид, агар чунин кафолат дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шуда бошад;

- бозхондани дархости тендерӣ то гузашти мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- аз ҷониби ташкилоти харидор қатъ намудани расмиёти харид то бастани қарордоди харид.

5. Молрасон (пудратчӣ) ҳуқуқи худро барои баргардонидани кафолатномаи дархости тендерӣ танҳо дар ҳолатҳои зерин аз даст медиҳад:

- рад кардани имзои қарордоди харид тибқи шартҳое, ки дар дархостҳои тендерӣ пешбинӣ шудааст;

- рад кардани пешниҳоди кафолатномаи иҷрои қарордоди харид, агар чунин кафолат дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод шуда бошад;

- бозхондани дархости тендерӣ баъди гузашти мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархости тендерӣ;

- рад кардани қабули ислоҳи ғалати арифметикӣ.

## Моддаи 40. Манъи гуфтушунид бо молрасонҳо (пудратчиён)

Гузаронидани гуфтушунид байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ) оид ба дархости тендерии пешниҳодшуда қатъиян манъ аст, агар дар Қонуни мазкур тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 41. Кушодани дархости тендерӣ

1. Дархостҳои тендерӣ тибқи мӯҳлат ва дар маҳалли муайяни дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикршуда кушода мешаванд. Ҳангоми тамдиди мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ онҳо дар рӯзи дахлдор кушода мешаванд. Вақт ва санаи кушодани дархостҳои тендерӣ бояд ба мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои тендерӣ мувофиқ бошад.

2. Ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иштироки ҳамаи довталабон ё намояндагони онҳо иҷозат дода мешавад.

3. Ном ва суроғаи ҳар як довталабе, ки дархости он кушода шудааст, инчунин нархи дархости тендерӣ, шакл, андозаи таъмини кафолат фавран ба шахсони ҳангоми кушодани дархостҳои тендерӣ иштирокдошта эълон ва дар протоколи кушодани дархостҳои тендерӣ сабт мегарданд. Ҳар як аъзои комиссияи тендерӣ ба ҳар як саҳифаи дархости тендерии кушодашуда имзо мегузорад. Протоколи кушодани дархостҳои тендериро ҳар як аъзои комиссияи тендерӣ ва иштирокчиёни озмуни харид имзо мегузоранд. Нусхаи протокол дар рӯзи кушодани дархостҳои тендерӣ ба молрасонҳои (пудратчиёни) иштирокдошта супорида шуда, дар як рӯзи корӣ ба молрасонҳои (пудратчиёни) ҳузурнадошта ва мақомоти ваколатдор пешниҳод мегардад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 42. Баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ

1. Комиссияи тендерӣ метавонад аз молрасонҳо (пудратчиён) хоҳиш намояд, ки ҷиҳати осон гардидани баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ вобаста ба дархостҳои тендерии худ тавзеҳот диҳанд. Ҳеҷ гуна дархост, пешниҳод ё тавзеҳот бо мақсади тағйир додани моҳияти дархости тендерӣ, аз ҷумла тағйир додани нарх ва ё тағйироте, ки барои ҷавобгӯи талабот сохтани ҳуҷҷатҳои тендерии ҷавобгӯи талабот набуда нигаронида шудааст, иҷозат дода намешавад. Ҳамаи дархостҳо барои тавзеҳот дар шакли хаттӣ тайёр карда мешаванд.

2. Ташкилоти харидор танҳо ғалатҳои арифметикиеро, ки дар ҷараёни баррасии дархостҳои тендерӣ ошкор шудаанд, ислоҳ менамояд. Ташкилоти харидор оид ба ҳама гуна чунин тағйирот молрасон (пудратчӣ) - ро, ки дархости тендерӣ пешниҳод кардааст, фавран огоҳ менамояд.

3. Бо мақсади арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ, агар нархи дархостҳои тендерӣ бо ду ва ё якчанд асъор ифода ёфта бошад, нархи ҳамаи дархостҳои тендерӣ тибқи арзиши дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида бо як асъор ҳисоб карда мешавад.

4. Комиссияи тендерӣ метавонад дархости тендериро ҳамчун ҳуҷҷати ҷавобгӯи талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ баррасӣ намояд, ҳатто агар дар он гузашти ночиз мавҷуд бошад, ки моҳиятан хусусият, шарт ва дигар талаботи дар ҳуҷҷати тендерӣ инъикосгардидаро тағйир намедиҳад ва ё дар он иштибоҳ ва ё носаҳеҳиҳое мавҷуд бошанд, ки бе дахолат ба моҳияти дархости тендерӣ ислоҳ карда мешаванд. Ҳар гуна чунин гузашт қадри имкон миқдоран ифода гардида, ҳангоми арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ мутобиқан ба инобат гирифта мешавад.

5. Ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои дар моддаи 19 Қонуни мазкур зикргардида комиссияи тендерӣ дархости тендерии молрасон (пудратчӣ)ро баррасӣ намуда, онро маҳрум менамояд ва воҳиди хариди ташкилоти харидор дар мӯҳлати се рӯз маводи дахлдорро бо далелҳое, ки барои дохил намудани ном ё номгӯйи молрасон (пудратчӣ) ба феҳристи (реестри) молрасонҳои (пудратчиёни) беэътимод (бевиҷдон) асос мебошад, ба мақомоти ваколатдор пешниҳод мекунад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

6. Комиссияи тендерӣ дархости тендериро дар чунин ҳолатҳо баъди баррасӣ рад менамояд:

- агар довталаб кафолатномаи дархости тендериро тибқи шакли намунавӣ, ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешниҳод накарда бошад;

- ҳангоми ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 8 Қонуни мазкур;

- агар дархости тендерӣ ҷавобгӯи талаботи тахассусии муқаррарнамудаи моддаи 16 Қонуни мазкур набошад;

- агар нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди ҳамин мавод (предмет) ҷудогардида зиёд бошад;

- агар нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди иҷрои корҳои сохтмон ҷудогардида зиёда аз 10 фоиз камтар бошад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- агар довталаб ба ислоҳи ғалати арифметикӣ дар дархости тендерӣ розӣ набошад;

- агар ҳамин дархости тендерӣ моҳиятан ҷавобгӯи талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ набошад.

7. Комиссияи тендерӣ дархостҳои тендерии боқимондаро (ки дар ҷараёни баррасӣ маҳрум карда нашудаанд) барои муайян намудани дархости тендерии ғолиб, чуноне ки дар зербанди (б) ҳамин қисм муайян гардидааст, мутобиқи расмиёт ва меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида арзёбӣ ва муқоиса мекунад. Ба истиснои меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида ҳеҷ гуна омилҳои дигар истифода карда намешаванд:

а) ҳамчун дархости тендерии ғолиб чунин дархостҳо ба ҳисоб мераванд:

- дархости тендерӣ ё нархнома бо нархи пасттарин *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- агар ташкилоти харидор дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ карда бошад, дархост бо арзиши таҳқиқшудаи камтарин, ки дар асоси меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ зикргардида муайян карда мешавад, ва онҳо то дараҷаи имконпазир объективӣ буда, метавонанд миқдоран муқаррар карда шавад ва дар асоси расмиёти арзёбӣ бояд дар ифодаи пулӣ ё фоиз баён карда шаванд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

б) ҳангоми муайян намудани дархост бо арзиши таҳқиқшудаи камтарин комиссияи тендерӣ бояд мутобиқи сархати дуюми зербанди (б) ҳамин қисм танҳо омилҳои зеринро ба инобат гирад:

- нархи дархости тендерӣ *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- хароҷот барои истифода, хадамоти техникӣ ва таъмири вобаста ба молҳо (корҳо);

- мӯҳлати молрасонӣ, анҷоми кор ё хизматрасонӣ;

- тавсифи функсионалӣ, техникӣ ва сифатии молҳо ва корҳо;

- шартҳои пардохт;

- шартҳои кафолат барои мол, кор ё хизматрасонӣ.

## Моддаи 43. Баррасии минбаъдаи тахассусӣ

1. То огоҳсозии хаттии ғолиби тендер ва то нашри эълон оид ба интихоби баамаломада, сарфи назар аз он, ки оё ташкилоти харидор расмиёти баррасии пешакии тахассусиро мутобиқи моддаи 17 Қонуни мазкур гузаронидааст, метавонад, аз молрасони (пудратчии) пешниҳоднамудаи дархости тендерӣ, ки ғолиб дониста шудааст, талаб намояд, ки маълумоти тахассусии худро мутобиқи меъёр ва расмиёти пешбининамудаи Қонуни мазкур аз нав тасдиқ намояд, зеро чунин меъёр ва расмиёт дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар гардидаанд. Ҳеҷ гуна дигар меъёр ва расмиёт, ба ғайр аз онҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар гардидаанд, истифода карда намешаванд.

2. Агар ташкилоти харидор аз молрасони (пудратчии) пешниҳоднамудаи дархости тендерии ғолиб талаб намояд, ки маълумоти тахассусии худро мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур аз нав тасдиқ кунад ва агар ӯ ин корро анҷом надиҳад, комиссияи тендерии ташкилоти харидор чунин дархости тендериро рад мекунад ва дархости тендериро, ки ҷойи дуюмро ишғол кардааст, ғолиб эълон менамояд.

## Моддаи 44. Бекор кардани озмуни харид

1. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор озмуни харидро дар ҳолатҳои зерин бекор мекунад:

- агар ҳамаи дархостҳо мутобиқи қисмҳои 5 ва 6 моддаи 42 маҳрум ва ё рад карда шуда бошанд;

- хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- агар анҷом додани харид дар натиҷаи тағйирёбии ҷиддии ғайричашмдошти вазъ дигар ба манфиатҳои давлат мувофиқ набошад.

2. Дар огоҳинома оид ба бекор кардани озмуни харид ташкилоти харидор сабабҳоеро, ки боиси бекор кардани озмуни харид гардидаанд, бе пешниҳоди далелҳо зикр менамояд.

3. Ташкилоти харидор бетаъхир ба ҳамаи довталабон огоҳиномаро, ки дар қисми 2 моддаи мазкур зикр гардидааст, ирсол менамояд.

4. Дар ҳолати рад кардани ҳамаи дархостҳо ташкилоти харидор дар назди довталабон ҳеҷ масъулият надорад.

5. Ҳангоми бекор кардани озмуни харид тибқи асосҳои пешбининамудаи сархати якуми қисми 1 моддаи мазкур ташкилоти харидор бояд баъди ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ворид намудани ҳар гуна ислоҳоти зарурӣ такроран озмуни харидро аз тариқи иштироки номаҳдуд доир кунад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 45. Огоҳинома оид ба интихоби ғолиби озмуни харид

1. Ташкилоти харидор ӯҳдадор аст на дертар аз се рӯзи баъд аз интихоби ғолиби озмун ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) иштирокдоштаро дар ин хусус бо ҳар роҳи мақбул, ки метавонад дар мавриди зарурат ва минбаъд тасдиқи худро ёбад, огоҳ созад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Ташкилоти харидор дар Бюллетени хариди давлатӣ дар бораи ғолиби озмуни харид бо зикри ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва нархи дархости тендерии пешниҳоднамудааш эълон чоп мекунад.

3. Ташкилоти харидор ва ғолиби озмун ҳуқуқ доранд дар сурати оғоз нагардидани расмиёти пешниҳоди шикоят тибқи моддаҳои 79-81 Қонуни мазкур қарордоди харидро баъд аз 3 рӯзи огоҳ сохтани иштирокчиёни озмун дар бораи интихоби ғолиби озмун ба имзо расонанд. Дар сурати гузаштани мӯҳлати амали дархости тендерии ғолиби озмун то лаҳзаи бастани қарордод, аз ҷониби ғолиби озмун ба имзо расонидани қарордод тасдиқи розигии ӯ барои дароз намудани мӯҳлати дархости тендерӣ махсуб меёбад. Ҳангоми истифодаи усулҳои "Дархости нархнома" ва "Харид аз як манбаъ" қарордоди харид метавонад дар ҳар вақти баъд аз хотима ёфтани расмиёти интихоби ғолиби озмун, молрасон (пудратчӣ) ба имзо расонида шавад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

4. Бо молрасоне (пудратчие), ки дархости тендериаш ғолиб эътироф шудааст, мутобиқи шартҳои дархости тендерӣ қарордоди харид баста мешавад.

5. Дар ҳолате, ки агар молрасони (пудратчии) интихобшуда қарордодро имзо накунад ё кафолати иҷрои қарордоди харидро фароҳам наоварад, комиссияи тендерии ташкилоти харидор дархости тендерии ғолибро мутобиқи қисми 7 моддаи 42 Қонуни мазкур аз ҳисоби дархостҳои боқимондаи дорои эътибори

тендерӣ бо назардошти ҳуқуқи ташкилоти харидор ҷиҳати бекор кардани озмуни харид мутобиқи моддаи 43 Қонуни мазкур интихоб менамояд.

## Моддаи 46. Ҳисобот оид ба расмиёти харид

1. Ҳангоми анҷом додани расмиёти харид ташкилоти харидор оид ба расмиёти харид ҳисобот таҳия менамояд, ки ҳадди ақал дорои маълумоти зерин мебошад:

- тавсифи маводи (предмети) харид оид ба ҳар як лот;

- ном ва суроғаи молрасонҳо (пудратчиён), ки дархостҳои тендерӣ ва ё нархнома пешниҳод кардаанд;

- талаботе, ки нисбат ба молрасонҳо (пудратчиён) ҳангоми бастани қарордоди харид пешниҳод мегардад;

- нарх ва дигар шартҳои асосии ҳар як дархости тендерӣ ва ё пешниҳод;

- баёни арзёбӣ, муқоиса ва асосҳо барои интихоби дархостҳои тендерӣ ва ё пешниҳодҳои ирсолгардида;

- дар ҳолати рад намудани ҳамаи дархостҳои тендерӣ ва ё пешниҳодҳо - асосҳо барои рад намудани онҳо;

- дар ҳолате, ки дар натиҷаи расмиёти харид қарордоди харид баста нашуда бошад, баёния дар ин хусус бо зикри асосҳои дахлдор;

- хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- ҳангоми истифодаи дигар расмиёт, ба ғайр аз озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд - асосҳо барои чунин интихоб;

- асосҳо барои истифодаи расмиёти баррасии пешакии тахассусии молрасонҳо (пудратчиён);

- баёни ҷамъбастии дархостҳои барои тавзеҳи ҳуҷҷатҳои марбут ба баррасии пешакии тахассусӣ ё ҳуҷҷатҳои тендерӣ воридшуда ва ҷавоб ба онҳо;

- иттилоот оид ба шикоят ва даъвоҳои пешниҳодшуда ва роҳҳои ҳалли онҳо;

- иттилоот дар бораи боздоштани расмиёт;

- иттилоот дар бораи ҷалби коршиносон;

- номи (номгӯйи) молрасон (ҳое) (пудратчӣ (ён)-е, ки ғолиб эътироф шудаанд.

2. Ҳангоми хариде, ки аз ҳадди камтарини маблағи харид пасттар аст, протокол оид ба расмиёти харид тартиб дода намешавад. Ташкилоти харидор дар бораи ин ё он харид ба мақоми ваколатдор ҳар семоҳа ҳисоботи ҷамъбастиро тибқи шакли аз ҷониби мақоми ваколатдор тасдиқшуда пешниҳод менамояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Ҳангоми харид аз як манбаъ ҳисобот таҳия менамояд, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- асоснок намудани татбиқи чунин усули харид;

- номи молрасон (пудратчӣ), ки бо он шартнома баста мешавад;

- нарх ва дигар шартҳои асосии харид;

- маълумот дар бораи ҷалби коршиносон.

4. Маълумоти пешбининамудаи сархатҳои дуюм, дувоздаҳум ва чордаҳуми қисми 1 моддаи мазкур дар асоси талаботи молрасонҳое (пудратчиёне), ки дархостҳои тендерӣ ё нархнома пешниҳод кардаанд, баъди интихоби дархостҳои тендерӣ ва ё нархномаҳо ё баъди анҷоми расмиёти харид, ки дар натиҷа қарордод баста нашудааст, пешниҳод карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

5. Мақомоти ваколатдор ҳуқуқ доранд муқаррар кунад:

- шаклҳои намунавии ҳисобот оид ба расмиёти харид;

- талаботи иловагӣ нисбати расмиёти харид, ки дар протокол пешниҳод мегардад.

6. Ҳисобот оид ба расмиёти харид ба мақоми ваколатдор дар мӯҳлати се рӯзи баъди ба имзо расонидани қарордод пешниҳод карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## §2. ОЗМУНҲОИ ДУМАРҲИЛАВИИ ХАРИД

## Моддаи 47. Мафҳуми озмуни думарҳилавии харид

1. Расмиёти озмунҳои думарҳилавии харид аз ду марҳилаи пайдарҳами озмуни харид иборат аст, ки ҳангоми он:

- дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба молрасонҳо (пудратчиён) пешниҳод мегардад, ки дар марҳилаи якум дархостҳои тендерии ибтидоиро бе зикри нархи онҳо, бо маълумот оид ба хусусиятҳои техникӣ, сифатӣ ва дигар хусусиятҳои мол, кор ва хизматрасонии мавриди харид, шартҳои расонидани он, инчунин ҳангоми зарурат бо зикри маълумоти касбӣ, салоҳияти техникӣ ва тахассусии молрасонҳо (пудратчиён) ирсол намоянд;

- дар марҳилаи дуюм ба молрасонҳо (пудратчиён) пешниҳод мегардад, ки дархостҳои тендерии ниҳоиро мутобиқи мушаххасоти дар ҷараёни марҳилаи якум дақиқ намудаи ташкилоти харидор бо зикри нархи дархости тендерӣ ирсол намоянд.

2. Дар марҳилаи якуми расмиёти озмуни думарҳилавии харид ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад бо ҳама гуна молрасонҳо (пудратчиён), ки дархости тендериашон рад нашуда буд, гуфтушунид доир намояд.

3. Дар марҳилаи якуми расмиёти озмуни думарҳилавии харид кафолати дархости тендерӣ пешниҳод намегардад.

4. Пешниҳод дар хусуси супоридани дархости ниҳоии тендерӣ дар марҳилаи дуюм метавонад хориҷ кардан ё тағйир додани ҳар гуна ҷанбаҳои техникӣ ё хусусиятҳои сифатии аввалан дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ нисбати мол, кор ва хизматрасонии мавриди харид муқарраргардидаро ва инчунин хориҷ кардан ё тағйир додани ҳар гуна меъёрҳои муқоиса ва арзёбии дархостҳои тендерӣ, муайянкунии дархости тендерии ғолиб ва ё ба ҳуҷҷати тендерӣ ворид намудани иловаҳоро мутобиқи Қонуни мазкур дар бар гирад. Ташкилоти харидор вазифадор аст оид ба ҳар гуна чунин хориҷкунӣ, тағйирот ё иловаҳо ба ҳуҷҷати тендерӣ дар даъватнома ҷиҳати пешниҳоди дархостҳои ниҳоии тендерӣ, ки ба молрасонҳо (пудратчиён) ирсол мегардад ва дархостҳои тендерии онҳо дар марҳилаи якуми расмиёти озмуни думарҳилавии харид рад нашудааст, зикр намояд.

5. Агар дар параграфи мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми анҷом додани расмиёти озмуни думарҳилавии харид, инчунин расмиёти пешбининамудаи параграфи 1 боби 4 Қонуни мазкур истифода карда мешавад.

## Моддаи 48. Шартҳои истифодаи озмуни думарҳилавии харид

Озмуни думарҳилавии харид дар ҳолатҳои зерин татбиқ мегардад, агар:

- ташкилоти харидор натавонад қаблан хусусиятҳои хоси техникӣ ва аломатҳои сифатии мол, кор ва хизматрасонии мавриди харидро муайян намояд;

- агар зарурати гуфтушунид бо молрасонҳо (пудратчиён) ба сабаби хусусияти мол, кор ва хизматрасонии мавриди харид ба миён ояд;

- маводи (предмети) харид, тадқиқот, озмоиш, таҳияи хулосаи илмӣ ё пешниҳоди дигар хизматрасонии махсус бошад.

## Моддаи 49. Даъватнома оид ба иштирок дар расмиёти озмуни думарҳилавии харид

1. Даъватнома ҷиҳати иштирок дар расмиёти озмуни думарҳилавии харид дар марҳилаи якум бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- ном ва суроғаи ҳуқуқии ташкилоти харидор;

- инъикоси маводи (предмети) харид ва ҳангоми хариди кор , маҳалли ҷойгиршавӣ ва навъи корҳо;

- усул ва маҳали гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ, андозаи пардохт барои онҳо;

- маҳал, мӯҳлати пешниҳод ва кушодани дархостҳои тендерӣ.

2. Даъватнома ҷиҳати иштирок дар марҳилаи дуюми расмиёти озмуни думарҳилавии харид бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- ном ва суроғаи ҳуқуқии ташкилоти харидор;

- талаботи ниҳоие, ки нисбат ба молрасонҳо (пудратчиён) пешниҳод мегардад, шарти харид бо зикри нарх, инчунин ҳама гуна тавсифоти мол, кор ва хизматрасонии мавриди харид;

- хусусият, миқдор ва маҳалли молрасонӣ, хусусият ва маҳали иҷрои кор ё хусусияти хизматрасонӣ ва ҷое, ки бояд хизматрасонӣ анҷом дода шавад;

- мӯҳлати матлуб ё зарурии молрасонӣ, анҷоми кор ё нақшаи расонидани хизматрасонӣ;

- усул ва маҳалли гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ;

- маҳал ва мӯҳлати кушодани дархостҳои тендерӣ.

### Моддаи 50. Мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои ибтидоии тендерӣ

1. Мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди дархостҳои ибтидоии тендерӣ дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар мегардад, аммо наметавонад аз рӯзи нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар расмиёти озмуни думарҳилавии харид камтар аз се ҳафта бошад.

2. Ташкилоти харидор ҳангоми зарурати хариди фаврӣ ҳуқуқ дорад дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ нисбат ба мӯҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур мӯҳлати кӯтоҳтари пешниҳоди дархостҳои ибтидоии тендериро муайян намояд, вале он набояд аз лаҳзаи нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар расмиёти озмуни думарҳилавии харид камтар аз даҳ рӯз бошад.

### Моддаи 51. Расмиёти харид аз як манбаъ

1. Ҳангоми истифодаи усули хариди давлатӣ аз як манбаъ ташкилоти харидор ба як молрасони (пудратчии) мушаххас дар хусуси гузаронидани гуфтушунид даъватнома ирсол менамояд.

2. Қарордоди харид ҳангоме баста мешавад, ки пешниҳоди молрасон (пудратчӣ) шартҳои ташкилоти харидорро қонеъ гардонад.

## БОБИ 5. ХАРИДИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАШВАРАТӢ

### Моддаи 52. Хизматрасонии машваратӣ

1. Хизматрасонии машваратӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, резидент ва ғайрирезидент, ки дорои касб ва тахассуси зарурӣ мебошанд, анҷом дода мешавад.

2. Хизматрасонии машваратӣ метавонад ҳам аз ҷониби мушовирони инфиродӣ, ҳам аз ҷониби ташкилотҳои машваратӣ анҷом дода шавад.

### Моддаи 53. Усулҳои хариди хизматрасонии машваратӣ

1. Барои анҷом додани хариди хизматрасонии машваратӣ усули иштироки маҳдуд (рӯйхати мухтасар), инчунин харид аз як манбаъ истифода карда мешавад.

2. Усули рӯйхати мухтасар аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

- таҳияи супоришҳои техникӣ;
- таҳияи сметаи хароҷот;
- интишори эълон ё (ва) реклама;
- таҳияи рӯйхати мухтасари мушовирон;
- таҳияи даъватнома ҷиҳати манзур кардани пешниҳод ва ирсоли он;
- мактуб - даъватнома;
- иттилоот барои мушовирон;
- супориши техникӣ;
- шакли тавсияшавандаи қарордод;
- қабули пешниҳодҳо;
- интихоби пешниҳоди беҳтарини озмун;
- анҷом додани гуфтушунид ва бастани қарордод.

### Моддаи 54. Усулҳои интихоби пешниҳодҳои озмунӣ

Хариди хизматрасонии машваратӣ барои ташкилотҳо бо усулҳои зерини интихоби пешниҳодҳои озмун, ки қисми таркибии усули рӯйихати мухтасар дар қисми 2 моддаи 53 Қонуни мазкур мебошад, амалӣ мегардад:

- аз рӯи сифат ва арзиш;
- аз рӯи сифат;
- интихоб дар шароити буҷети муқарраршуда;

- аз рӯи нархи пасттарин;

- дар асоси тахассуси мушовирон.

## Моддаи 55. Усулҳои интихоб дар асоси сифат ва арзиш

Усулҳои асосии интихоби пешниҳодоти озмунӣ интихоб аз рӯи сифат ва арзиш маҳсуб меёбад, ки аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

- арзёбии пешниҳодҳои техникӣ;

- арзёбии пешниҳодҳои молиявӣ;

- арзёбии ниҳоии сифат ва арзиш.

## Моддаи 56. Таҳияи супориши техникӣ

1. Ташкилоти харидор супориши техникиро мураттаб месозад ва барои таҳияи он масъул мебошад. Дар супориши техникӣ мақсад, супориш, ҳаҷми супориш, тавсифи талабот ва мӯҳлатҳои пешниҳоди ҳисобот зикр гардида, маводи (предмети) маълумотӣ, аз ҷумла номгӯи таҳқиқоти дар айни замон доиршуда ва маълумоти аввалия пешниҳод карда мешавад.

2. Агар мақсад аз таҳвили дониш ё тарбияи мутахассисон иборат бошад, бояд алоҳида, дар баробари маълумоти муфассал оид ба шумораи кормандон, ки бояд таълим гиранд, зикр карда шавад, то ин ки мушовирон ҳаҷми зарурии хизматрасониро арзёбӣ карда тавонанд.

3. Дар супориши техникӣ бояд хизматрасонӣ ва таҳқиқоти барои иҷрои супориш зарурӣ, ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии пешбинишаванда номбар гардида, инчунин ӯҳдадориҳои ташкилоти харидор ва мушовирон ба таври дақиқ муайян карда шавад.

## Моддаи 57. Таҳияи сметаи хароҷот

1. Ташкилоти харидор сметаи хароҷотро тартиб медиҳад, ки он хароҷоти барои иҷрои супоришҳо зарурро дар бар мегирад: вақти мушаххас, кӯмаки ташкилию техникӣ ва захираҳои моддию техникӣ.

2. Сметаи хароҷот аз се фасл иборат аст:

- пардохти музди хизматрасонӣ ё подош;

- хароҷоти ҷуброншаванда;

- хароҷоти кӯмаки моддию техникӣ.

## Моддаи 58. Эълон оид ба хариди хизматрасонии машваратӣ

1. Барои гирифтани изҳори манфиатдорӣ аз мушовирони эҳтимолӣ ташкилоти харидор бояд номгӯи супоришҳои пешбинишавандаи машваратиро дар воситаҳои ахбори омма, Бюллетени хариди давлатӣ, ҳангоми баргузории тендери байналмилалӣ - дар воситаҳои байналмилалии ахбори омма чоп намояд.

2. Ташкилоти харидор барои аз мушовирон гирифтани гувоҳнома дар хусуси манфиатдории онҳо бо мақсади таҳияи рӯйхати мухтасари мушовирон мӯҳлат муайян мекунад, ки аз лаҳзаи нашри эълон дар воситаҳои ахбори омма набояд камтар аз 14 рӯз бошад.

## Моддаи 59. Таҳияи рӯйхати мухтасари мушовирон

1. Ташкилоти харидор бояд рӯйхати мухтасари мушовиронро таҳия намояд, ки ба он мушовирони гувоҳномаи манфиатдории худро ирсолнамуда ва ҷавобгӯи талаботи тахассусӣ буда дохил карда шудаанд. Ба рӯйхати мухтасар бояд аз се то шаш мушовир дохил карда мешавад.

2. Агар ҳаҷми супориш хурд бошад ва дар кишвар теъдоди кофии ташкилоти соҳибихтисос (на камтар аз се ташкилот) мавҷуд бошад, ки нархҳои рақобатпазирро пешниҳод менамоянд ва агар рақобат бо иштироки мушовирони хориҷӣ натиҷаи дилхоҳ надиҳад, рӯйхати мухтасар метавонад танҳо аз ташкилотҳои ватанӣ ва дохилии машваратӣ тартиб дода шавад. Вале агар ташкилотҳои хориҷӣ манфиатдории худро изҳор намоянд, бояд онҳо ба инобат гирифта шаванд.

## Моддаи 60. Даъватнома оид ба ирсоли пешниҳод

Даъватнома оид ба ирсоли пешниҳод бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- мактуб-даъватнома, ки нияти ташкилоти харидорро ҷиҳати бастани қарордод барои иҷрои хизматрасонии машваратӣ, манбаи маблағгузорӣ, маълумоти муфассал дар хусуси ташкилоти харидор, инчунин сана, вақт ва суроғаро барои ирсоли пешниҳод дар бар мегирад;

- иттилоот барои мушовирон;

- супориши техникӣ;

- матни қарордоде, ки дар назар аст.

## Моддаи 61. Иттилоот барои мушовирон

1. Иттилоот барои мушовирон бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- тавсифи мухтасари супориш, шаклҳои намунавии пешниҳоди техникӣ ва молиявӣ;

- ному насаб ва суроғаи кормандоне, ки ҳангоми зарурат намояндагони мушовирон метавонанд барои тавзеҳот муроҷиат намоянд;

- тавсифи муфассали расмиёти маъмули интихоб, аз ҷумла: зикри меъёрҳои арзёбии техникӣ, тавсифи муфассали арзёбии молиявӣ, балли ҳадди ақали қобили қабул аз рӯи сифат ва маълумот дар бораи ошкоро кушодани пешниҳоди молиявӣ;

- масрафи вақти кории кормандони асосӣ, ки барои мушовирон лозим аст;

- мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳод;

- баёния дар бораи он ки мушовир ва ҳар кадоме аз корхонаҳои фаръии он баъди бастани қарордод барои хизматрасонӣ бинобар ихтилофи манфиатҳо тибқи моддаи 8 Қонуни мазкур ҳуқуқ надоранд дар расмиёти харид иштирок намоянд;

- тарзи ирсоли пешниҳод, аз ҷумла талаботи ирсол намудани пешниҳоди техникӣ ва молиявӣ дар лифофаҳои алоҳидаи мӯҳршуда;

- хоҳиш аз мушовирони даъватшуда ҷиҳати тасдиқи гирифтани даъватнома барои ирсоли пешниҳод ва иттилооти ташкилоти харидор дар хусуси он ки оё он пешниҳоди худро манзур медорад;

- баёния дар хусуси он ки дар давоми мӯҳлати эътибори пешниҳод мушовирон ҳуқуқ надоранд ба ҳайати асосии кормандон тағйирот ворид намоянд ва онҳо бояд меъёрҳо ва нархҳои умумии пешниҳодгардидаро риоя кунанд;

- санаи тахминие, ки мушовир ба иҷрои супориш шурӯъ менамояд;

- маълумоти муфассал дар бораи хизматрасонӣ, бино, таҷҳизот ва кормандоне, ки бояд аз тарафи ташкилоти харидор пешниҳод карда шаванд;

- тавсифи марҳилаҳои иҷрои супориш, агар зарур бошад, эҳтимолияти идомаи супориш;

- тартиби пешниҳоди дархост оид ба тавзеҳи иттилоот, ки дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод оварда шудааст;

- шартҳои бастани қарордоди зерпудратӣ барои як қисми супориш.

2. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор метавонад ба иттилоот барои гурӯҳи муайяни мушовирон маълумоти иловагиро дохил намояд.

## Моддаи 62. Ирсол ва кушодани пешниҳодҳо

1. Ташкилоти харидор санаи аниқ ва мӯҳлати ниҳоиро барои ирсоли пешниҳод муқаррар менамояд, ки аз рӯзи фиристодани даъватнома барои ирсоли пешниҳод на камтар аз 4 ҳафта мебошад.

2. Даҳ рӯз пештар аз мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳод мушовир метавонад аз ташкилоти харидор шарҳи маълумоти дар даъватнома барои ирсоли пешниҳод зикршударо талаб намояд. Ташкилоти харидор дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ бояд ба чунин дархост ҷавоб гардонад ва нусхаи ин шарҳро ба ҳамаи мушовирони дар рӯйхат дохилшуда фиристад. Ҳангоми зарурат ташкилоти харидор метавонад мӯҳлати ниҳоии ирсоли пешниҳодро тамдид намояд.

3. Баъди ба охир расидани мӯҳлати ирсоли пешниҳод ислоҳ ба пешниҳоди техникӣ ва молиявӣ қабул карда намешавад. Пешниҳоди техникӣ ва молиявӣ бояд ҳамзамон дар лифофаҳои мӯҳршуда манзур гарданд.

4. Баъди ба охир расидани мӯҳлати ирсоли пешниҳод лифофаҳо бо пешниҳоди техникӣ аз тарафи комиссияи тендерӣ фавран кушода шуда, тамоми маълумоти асосӣ ба протоколи кушодани пешниҳод дохил карда мешавад.

5. Пешниҳоди молиявӣ ба воҳиди харид супорида мешавад, ки то лаҳзаи кушодан махфӣ дар шакли мӯҳршуда нигоҳ дошта мешавад.

6. Пешниҳоди баъди ба охир расидани мӯҳлати ниҳоӣ гирифташуда кушода намешавад ва ба мушовир баргардонида мешавад.

## Моддаи 63. Арзёбии пешниҳод

1. Арзёбии пешниҳод дар ду марҳила гузаронида мешавад; дар аввал пешниҳоди техникӣ бе дастрасии пешниҳоди молиявӣ ва баъд пешниҳоди молиявӣ.

2. Баъди арзёбии пешниҳоди техникӣ ташкилоти харидор мутобиқи моддаи 62 Қонуни мазкур пешниҳоди молиявиро, ки арзёбии он бояд тибқи муқаррароти даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод гузаронида шавад, ба таври ошкоро мекушояд.

## Моддаи 64. Арзёбии сифат

1. Ташкилоти харидор пешниҳоди техникии мушовиронро тибқи меъёрҳои зерин арзёбӣ мекунад:

- таҷрибаи мушовир, ки барои иҷрои вазифа муҳим аст;

- сифати усулҳои пешниҳодшаванда;

- тахассуси ҳайати асосии кормандони пешниҳодшаванда;

- таҳвили дониш;

- дараҷаи иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳайати асосии кормандон дохил карда шудаанд, дар иҷрои супоришҳо.

2. Ташкилоти харидор ҳар як пешниҳодро барои мутобиқат ба талаботи тахассусӣ ва супориши техникӣ арзёбӣ мекунад. Пешниҳод дар ин марҳила ҳангоме рад карда мешавад, ки агар ба талаботи тахассусӣ ва талаботи асосии супориши техникӣ мутобиқ набошад ва ё балли ҳадди ақалли қобили қабулро, ки дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод зикр ёфтааст, нагирифта бошад.

3. Баъди анҷоми арзёбии техникӣ ташкилоти харидор ҳисоботи арзёбиро нисбат ба сифати пешниҳод таҳия менамояд.

## Моддаи 65. Арзёбии арзиш

1. Аз рӯи натиҷаҳои арзёбии сифат ташкилоти харидор пешниҳоди молиявии нокушодаи мушовиронеро, ки пешниҳодашон балли ҳадди ақалли қобили қабулро нагирифтааст ё ба талаботи тахассусӣ, инчунин ба талаботи асосии супоришҳои техникии дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод зикрёфта ҷавобгӯ намебошад, бармегардонад.

2. Ҳамзамон ташкилоти харидор ба мушовироне, ки пешниҳоди онҳо балли ҳадди ақалли қобили қабулро гирифтааст, огоҳинома фиристода, мӯҳлати (сана ва вақти) барои кушодани пешниҳоди молиявӣ муайянгардидаро, ки бояд аз рӯзи фиристодани огоҳинома на камтар аз як ҳафтаро ташкил диҳад, зикр менамояд.

3. Пешниҳоди молиявӣ тибқи мӯҳлат ва дар маҳалли муайянгардида, ки дар огоҳиномаи ташкилоти харидор зикр шудааст, бо иштироки намояндагии мушовирон, ки ба маросими кушодани пешниҳод омадаанд, ба таври ошкоро кушода мешавад.

4. Ном ва суроғаи мушовир, балли барои сифат бадастоварда ва нархи дархости тендерӣ бо овози баланд эълон карда шуда, ба протоколи кушодани пешниҳоди молиявӣ дохил карда мешавад. Нусхаи протокол фавран ба мақомоти ваколатдор ирсол мегардад.

5. Ташкилоти харидор тафтиши пешниҳоди молиявиро вобаста ба мукаммалӣ ва ҷой надоштани ғалати арифметикӣ анҷом медиҳад, инчунин бо мақсади муқоисаи пешниҳодот арзиши онҳо ба асъори ягона, ки дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод зикр гардидааст, гузаронида мешавад.

## Моддаи 66. Арзёбии муштараки сифат ва арзиш

1. Бо мақсади ба даст овардани балли умумӣ ташкилоти харидор баллҳои аз ҷониби мушовирон барои арзёбии техникӣ ва арзёбии молиявӣ бадастовардаро бо назардошти аҳамияти ҳар як пешниҳоди дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод зикргардида ҷамъ менамояд.

2. Мушовире, ки балли бештарро соҳиб гардидааст, барои гуфтушунид даъват карда мешавад.

## Моддаи 67. Гуфтушунид ва бастани шартнома

1. Дар давоми 3 рӯзи тақвимии баъди ба охир расидани ҷараёни арзёбӣ ташкилоти харидор мушовиреро, ки балли бештарро соҳиб шудааст, барои гуфтушунид ҷиҳати бастани шартнома даъват менамояд.

2. Дар ҷараёни гуфтушунид супоришҳои техникӣ, методика, ҳайати кормандон, захираҳои моддию техникӣ, ки аз тарафи ташкилоти харидор фароҳам оварда мешаванд ва шартҳои махсуси шартнома баррасӣ мегарданд. Нархи пешниҳодшаванда, инчунин хароҷоти пардохтшаванда мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

3. Баррасиҳо набояд боиси моҳиятан тағйир додани шакли ибтидоии супоришҳои техникӣ ва шартҳои шартнома гарданд ва ин набояд ба сифати хизматрасонӣ, арзиш ва мӯҳтавои арзёбии ибтидоӣ таъсир расонад. Шакли ниҳоии супориши техникӣ ва методикаи мувофиқагардида ба "Тавсифи хизматрасонӣ", ки ҷузъи шартнома мебошад, дохил карда мешавад.

4. Дар ҷараёни гуфтушунид то ба охир расидани мӯҳлати амали пешниҳод ташкилоти харидор метавонад аз мушовир хоҳиш кунад, ки ин мӯҳлатро барои давраи мушаххас тамдид намояд. Мушовире, ки ба тамдиди мӯҳлати амали пешниҳоди худ розигӣ медиҳад, дар мувофиқа бо ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад ҳайати асосии кормандонро бо кормандони аз ҷиҳати тахассусӣ баробар иваз намояд.

5. Агар ивази кормандон, ки ба сифати ҳайати асосӣ пешниҳод гардидаанд, вобаста ба таҷриба ва тахассус мутобиқ набошанд, мушовир метавонад аз тарафи ташкилоти харидор дар мувофиқа бо Мақомоти ваколатдор аз иҷрои ваколат маҳрум гардад ва худи ҷараёни интихоб бояд бо ҷалби мушовир, ки тибқи рейтинг мавқеи дуюмро ишғол менамояд, давом дода шавад ё интихоби такрории мушовирон гузаронида мешавад.

6. Агар дар ҷараёни гуфтушунид тарафҳо дар хусуси бастани шартнома ба созиш наоянд, ташкилоти харидор дар мувофиқа бо Мақомоти ваколатдор чунин гуфтушунидро қатъ менамояд ва ба гуфтушунид мушовиреро, ки тибқи рейтинг мавқеи минбаъдаро ишғол менамояд, даъват мекунад ё интихоби такрории мушовиронро мегузаронад.

7. Бастани шартнома баъди муваффақона анҷом ёфтани гуфтушунид ба зиммаи мушовир вогузошта шуда, ташкилоти харидор бояд фавран дигар иштирокчиёнро дар хусуси он ки пешниҳоди онҳо ҳамчун пешниҳоди ғолиб интихоб нашудаанд, огоҳ намояд.

## Моддаи 68. Интихоб аз рӯи сифат

1. Интихоб аз рӯи сифат ҳангоми зарурати иҷрои супоришҳои зерин истифода карда мешавад:

- супоришҳои мураккаб ё маҳдуд ихтисос, ки барои онҳо таҳияи супоришҳои техникии дақиқ ё муайянсозии аниқи хароҷоти захираҳои моддию техникӣ, ки аз мушовирон талаб карда мешавад, душвор аст;

- супоришҳое, ки метавонанд аз нуқтаи назари фаъолияти минбаъда дорои натиҷаҳои муҳим бошанд ва мақсади онҳо аз ҷалби коршиносони соҳибихтисос иборат аст;

- супоришҳое, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун иҷро карда шаванд ва ин муқоиса пешниҳодро имконнопазир мегардонад.

2. Дар доираи интихоб аз рӯи сифат дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод ташкилоти харидор аз мушовирон метавонад танҳо пешниҳоди техникӣ (бе пешниҳоди молиявӣ) ё ҳамзамон пешниҳоди техникӣ ва молиявиро, вале дар лифофаҳои алоҳида талаб намояд.

3. Дар даъватнома ҷиҳати ирсоли пешниҳод буҷети тахминӣ зикр карда намешавад, вале масрафи хароҷоти вақти корӣ барои ҳайати асосии кормандон, бо тавзеҳи он ки ин иттилоот танҳо ба сифати раҳнамо оварда мешавад, мушовирон ҳуқуқ доранд ҳисобҳои шахсии худро оид ба масрафи вақти корӣ пешниҳод намоянд.

4. Агар танҳо пешниҳоди техникӣ талаб карда шавад, арзёбии пешниҳоди техникӣ мутобиқи моддаи 63 Қонуни мазкур анҷом дода шуда, ташкилоти харидор аз мушовире, ки пешниҳоди техникии ӯ дорои балли бештар мебошад, ирсоли пешниҳоди муфассали молиявиро хоҳиш менамояд ва сипас ташкилоти харидор ва мушовир оид ба пешниҳоди молиявӣ ва қарордод гуфтушунид доир менамоянд.

5. Ҳангоми дархост ҷиҳати ирсол доштани пешниҳоди техникӣ ва молиявӣ арзёбии пешниҳоди техникӣ мутобиқи моддаи 62 Қонуни мазкур амалӣ мегардад.

6. Агар дар ҷараёни гуфтушунид тарафҳо дар хусуси бастани шартнома ба мувофиқа наоянд, муқаррароти қисми 5 моддаи 65 Қонуни мазкур татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 69. Интихоб дар шароити буҷети муқарраргардида

1. Усули интихоб дар шароити буҷети муқарраргардида ҳангоме истифода карда мешавад, ки супориш аниқ муайян шудааст ва буҷети муқарраргардида вуҷуд дорад.

2. Дар даъватнома барои ирсоли пешниҳод буҷети вазифаҳо зикр ёфта, барои мушовирон тавсия дода мешавад, ки пешниҳоди техникӣ ва молиявиро дар доираи буҷет дар лифофаҳои алоҳида таъмин намоянд. Супориши техникӣ бояд мулоҳизакорона анҷом дода шавад ва кофӣ будани буҷет барои иҷрои супоришҳо кафолат диҳад.

3. Арзёбии тамоми пешниҳоди техникӣ аз рӯи методикаи "арзёбии сифат" мутобиқи моддаи 62 Қонуни мазкур амалӣ мегардад. Баъдан пешниҳоди молиявӣ кушода шуда, он пешниҳоде, ки аз доираи буҷети мазкур зиёд аст, баргардонида мешавад.

4. Барои гузаронидани гуфтушунидҳо аз рӯи қарордод он мушовире даъват карда мешавад, ки пешниҳоди техникии ӯ балли аз ҳама зиёд гирифтааст.

## Моддаи 70. Интихоб аз рӯи нархи пасттарин

1. Усули интихоб аз рӯи нархи пасттарин ҳангоми интихоби мушовирон бо маблағи аз ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо поёнтар барои супоришҳои намунавӣ ва стандартӣ истифода карда мешавад, агар таҷриба ва меъёрҳои муқарраршуда мавҷуд бошад. Ташкилоти харидор балли ҳадди ақалли қобили қабулро аз рӯи пешниҳоди техникӣ муайян мекунад ва онро дар даъватнома барои ирсоли пешниҳод зикр менамояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Пешниҳод дар ду лифофа аз мушовироне талаб карда мешавад, ки ба рӯйхати мухтасар ворид гардидаанд. Дар аввал ҳамаи пешниҳоди техникии кушодашуда, арзёбӣ карда мешаванд. Пешниҳодоти техникие, ки балли ҳадди ақалро соҳиб нагаштааст, қабул карда намешавад. Баъдан пешниҳоди молиявии боқимонда ба таври ошкоро кушода мешавад.

3. Ба гуфтушунид оид ба шартнома мушовире, ки тибқи пешниҳоди техникӣ балли аз ҳадди ақалли бештарро гирифта, оид ба пешниҳоди молиявӣ нархи камтар гузоштааст, даъват карда мешавад.

## Моддаи 71. Интихоб дар асоси тахассуси мушовирон

Усули мазкур барои супоришҳои на он қадар калоне, ки барои онҳо зарурати таҳия ва арзёбии пешниҳоди озмунӣ ба амал намеояд, истифода карда мешавад. Дар ин ҳолатҳо ташкилоти харидор супориши техникиро таҳия намуда, изҳори манфиатдорӣ ва маълумотро дар бораи таҷрибаи корӣ мушовир ва тахассуси ӯ, ки барои иҷрои супоришҳо муҳиманд, талаб менамояд. Сипас расмиёти интихоб тибқи рӯйхати мухтасар, ки аз он ташкилоти дорои тахассуси нисбатан мувофиқ ва тавсияҳои беҳтарин интихоб карда мешавад, баргузор мегардад. Ба ташкилоти интихобгардида тавсия дода мешавад, ки пешниҳоди техникию молиявиро ирсол намояд ва баъдан ба гуфтушунидҳо аз рӯи қарордод шурӯъ намояд.

## Моддаи 72. Усули харид аз як манбаъ

1. Бо сабаби он ки усули харид аз як манбаъ афзалиятҳои рақобатро нисбати сифат ва арзиш таъмин наменамояд, инчунин шаффоф намебошад, бинобар ин метавонад ба истифодаи амалияи номақбул мусоидат намояд, истифодаи он танҳо дар ҳолатҳои истисноии зерин иҷозат дода мешавад:

- иҷрои супоришҳое, ки идомаи бевоситаи корҳои пештараи аз ҷониби ҳамон ташкилот гузаронидашуда аст;

- зарурати интихоб намудан дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин (ҳангоми иҷрои корҳо дар ҳолатҳои фавқулоддаи вобаста ба таҳдид ба амнияти миллӣ, рафъи офатҳои табиӣ, заҳролудшавии маҳал ва ғайра);

- ҳангоме ки танҳо як ташкилот дорои дараҷаи тахассусӣ ё таҷрибаи зарурӣ буда, он барои супориши мушаххас арзиши истисноӣ дорад.

2. Ҳангоми таъмини муттасилӣ (сархати якуми қисми 1 моддаи мазкур) бояд муносибати техникӣ, таҷрибаи андӯхта ва масъулияти касбии мушовир барои иҷрои корҳои худ, бо шарти иҷрои қаноатбахши супориши аввал ба инобат гирифта шавад. Дар чунин ҳолатҳо ташкилоти харидор дар аввал аз мушовири интихобгардида хоҳиш менамояд, ки супориши техникӣ ва молиявиро дар асоси супориши техникии аз тарафи ташкилоти харидор таҳиягардида тайёр намояд ва баъдан ин пешниҳодот дар гуфтушунидҳо баррасӣ карда мешаванд.

3. Агар қарордод оид ба супориши аввал дар асоси озмун дода нашуда ва ё бо шартҳои вобаста ба маблағгузорӣ ва ё харид тибқи пудрати эҳтиёҷотӣ супорида шуда бошад ва ё агар супорише, ки идомаи кори пештара аст, аз рӯи арзиш аз он зиёдтар бошад, расмиёти муқаррарии озмуни харид истифода карда

шуда, зимнан мушовире, ки кори авваларо иҷро намудааст, аз баррасӣ хориҷ намегардад ва метавонад дар озмун дар асосҳои умумӣ иштирок кунад.

## Моддаи 73. Интихоби мушовирони инфиродӣ

1. Мушовирони инфиродӣ барои иҷрои супоришҳо ҷалб карда мешаванд, агар:

- барои кирои гурӯҳи мутахассисон зарурат набошад;

- барои кӯмаки иловагии касбӣ аз хориҷ зарурат набошад;

- таҷриба ва тахассуси шахси алоҳида талаботи муҳимтарин бошад.

2. Ташкилоти харидор ду ҳафта пеш аз мӯҳлати пешниҳоди изҳори манфиатдорӣ дар воситаҳои ахбори омма ва ё дар Бюллетени хариди давлатӣ, инчунин ҳангоми зарурат дар воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ барои мушовирони инфиродӣ оид ба иҷрои супоришҳо даъватнома интишор менамояд.

3. Ба мушовироне, ки бо усули рӯйхати мухтасар интихоб гардидаанд, даъватномае ирсол мешавад, ки намунаи баёни тарҷимаи ҳол (минбаъд - хулоса (резюме) номида мешавад), намунаи шакли ифодаи нархи хизматрасонӣ, инчунин меъёрҳои нархгузорӣ, супориши техникӣ ва намунаи қарордоди истифодашавандаро дар бар мегирад. Инчунин дар даъватнома меъёрҳои арзёбии тахассус ва таҷрибаи мушовир дар асоси хулоса (резюме) ва муносибат ба талаботи супоришҳои техникӣ ва мӯҳлати ниҳоии изҳори манфиатдорӣ инъикос мегардад.

4. Агар маблағи супориш зиёд буда, он метавонад аз нуқтаи назари фаъолияти минбаъда оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошад, дар даъватнома хоҳиш карда мешавад, ки изҳори манфиатдорӣ дар шакли хулоса (резюме), ки он ҳангоми арзёбӣ мутобиқи меъёрҳои дар қисми 6 моддаи мазкур зикршуда муқоиса карда мешавад, ирсол гардад.

5. Изҳори манфиатдорӣ метавонад тариқи факс, почтаи электронӣ ё муқаррарӣ ирсол гардад.

6. Интихоби мушовирони инфиродӣ бо назардошти ҷиҳати иҷрои вазифаи мушаххас қобили қабул будани тахассуси онҳо анҷом дода мешаванд. Мушовирон бо усули қиёси тахассуси ҳадди ақал се номзад аз байни онҳое, ки ба иҷрои супориш манфиатдоранд, ва ё аз байни онҳое, ки ташкилоти харидор мустақиман ба вай муроҷиат кардааст, интихоб мегарданд. Имкониятҳои онҳо дар асоси маълумоти гирифта, таҷрибаи андӯхта ва донистани шароити маҳал (забон ва фарҳанги маҳаллӣ, системаи маъмурӣ ва сохтори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) арзёбӣ мегарданд.

7. Номзаде, ки балли бештар гирифтааст, ҳангоми арзёбии хулоса (резюме) ҷиҳати бастани қарордод ба гуфтушунид даъват карда мешавад. Гуфтушунид оид ба қарордод метавонад тариқи телефон ё почтаи электронӣ амалӣ гардад. Ҳангоми таъхир кардан ва кашол додани гуфтушунид аз ҷониби мушовир, инчунин ҳангоми ба даст наомадани созиш оид ба қарордод ташкилоти харидор ҷиҳати қатъ ё оғоз кардани гуфтушунид бо номзади навбатӣ вобаста ба миқдори балли номзад мутобиқи қисми 6 моддаи 67 ҳуқуқи худро нигоҳ медорад. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад бо номзад қабл аз киро кардани ӯ низ гуфтушунид доир намояд.

8. Ба сифати мушовирони инфиродӣ кормандони доимӣ ё муваққатии ташкилотҳои машваратиро низ ҷалб намудан мумкин аст. Дар чунин ҳолат нисбати худи ташкилотҳо муқаррарот дар бораи ихтилофи манфиатҳо, ки дар моддаи 8 Қонуни мазкур зикр гардидааст, татбиқ карда мешавад.

9. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор мушовирони инфиродиро метавонад бе озмун (бо усули интихоб аз як манбаъ) танҳо дар чунин ҳолатҳо интихоб намояд:

- агар супориш идомаи кори пештара маҳсуб ёбад, ки мушовир иҷро кардааст ва барои ҳамин кор ӯ дар асоси озмун киро гардидааст;

- агар муддати иҷрои супориш камтар аз 3 моҳро ташкил диҳад;

- агар вазъият бинобар сабаби мавҷуд будани ҳолати рафънопазир (форс - мажор) хусусияти фавқулодда дошта бошад;

- агар шахси воқеӣ ягона мушовири дорои тахассус ва таҷриба барои иҷрои супориши мазкур бошад.

# БОБИ 6. ҚАРОРДОД ОИД БА ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## Моддаи 74. Қарордод оид ба хариди давлатӣ

1. Қарордодҳо оид ба хариди давлатӣ аз рӯи натиҷаҳои озмуни харид бо риояи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби хариди давлатӣ баста мешаванд.

2. Қарордодҳо оид ба хариди давлатӣ дар шакли хаттӣ баста мешаванд. Қарордод оид ба хариди давлатӣ аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидани он эътибор пайдо мекунад.

3. Огоҳинома дар хусуси бастани қарордод оид ба хариди давлатӣ бо зикри ном ва суроғаи молрасон (пудратчӣ), ки бо ӯ қарордод баста шудааст ва нархҳои қарордод дар мӯҳлати се рӯзи ба имзо расидани он ба маълумоти ҳамаи молрасонҳо (пудратчиён), ки дар расмиёти хариди давлатӣ иштирок намудаанд, расонида мешавад.

4. Ташкилоти харидор дар мӯҳлати се рӯзи бастани қарордод оид ба хариди давлатӣ ба мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ ҳисобот оид ба расмиёти хариди давлатӣ тибқи моддаи 46 Қонуни мазкур пешниҳод менамояд. Ҳангоми хариди мол, кор ва хизматрасоние, ки арзиши онҳо аз ҳадди камтарини маблағи харид пасттар мебошад, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хароҷоти ташкилоти харидор оид ба харид (супоришномаҳои пулӣ, созишномаҳои меҳнатӣ, санадҳо дар хусуси харид ва ғ.) дар ташкилоти харидор нигоҳ дошта шуда, бо талаби мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ ба он пешниҳод мегардад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

## Моддаи 75. Таъмини кафолати иҷрои қарордод

1. Ташкилоти харидор метавонад аз молрасон (пудратчӣ) таъмини кафолати иҷрои қарордоди харидро талаб намояд.

2. Таъмини кафолати иҷрои қарордоди харид мутобиқи қонунгузории амалкунанда метавонад дар шакли депозитҳо, вомбаргҳои хазинадорӣ, замонатҳои бонкӣ, коғазҳои қимматноки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон баровардашуда ё таъмингардида, дар шакли саҳмияҳои барои муомилаҳо қобили қабул, сертификатҳои депозитии ба пешниҳодкунанда, векселҳо, кафолатҳо ва таъмини замонати аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ додашуда пешкаш гардад.

3. Андозаи кафолати иҷрои қарордоди харид наметавонад аз 10 фоизи арзиши қарордод зиёд бошад.

## Моддаи 76. Манъи тағйир додани қарордоди харид

1. Баъди аз ҷониби тарафҳо имзо намудани қарордоди харид ба он ворид намудани дигар шартҳо манъ аст, агар онҳо боиси тағйири мӯҳтавои дархости тендерӣ гарданд.

2. Тағйирот ва иловаҳои ба қарордоди харид вориднамудаи тарафҳо, ки хилофи муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур мебошанд, беэътибор дониста мешаванд.

3. Мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ метавонад нисбат ба тағйироту иловаҳои ба қарордоди харид аз ҷониби тарафҳо воридгардида тибқи тартиби судӣ даъво пешниҳод намояд.

## Моддаи 77. Бекор кардани қарордоди харид

1. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ ҳуқуқ дорад ҳангоми тағйирёбии ҷиддии ҳолатҳо, ки тарафҳо зимни бастани қарордоди харид дар назар доштанд ва тағйироте, ки пешбиниашон дар лаҳзаи бастани қарордоди харид имконнопазир буд ва ҳамзамон агар иҷрои қарордод метавонад хилофи манфиатҳои давлат бошад, бо тартиби яктарафа қарордоди басташударо бекор кунад.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад қарордоди харидро дар давоми як моҳи фарорасии ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, ки ба ӯ маълум гардидааст, бекор намояд.

3. Агар қарордод тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур бекор карда шавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои тарафҳо аз рӯи принсипи барқароркунии (реститутсияи) дутарафа ва ҷуброни зиёни расонидашуда анҷом дода мешавад.

## Моддаи 78. Шикоят оид ба қарордоди харид

1. Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва ихтилофи назар оид ба иҷрои қарордоди басташудаи харид ва пешниҳоди норозигӣ тарафҳо вазифадоранд ҷиҳати ҳалли онҳо расмиёти дар поён муайянгардидаро риоя намоянд.

2. Тарафе, ки эътирози тарафи дигарро қабул намудааст, вазифадор аст онро баррасӣ намуда, ҷавобро дар давоми понздаҳ рӯзи пешниҳоди эътироз дар шакли хаттӣ ирсол намояд.

3. Ҳангоми рад намудани эътироз ё дар давоми мӯҳлати пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур пешниҳод накардани ҷавоб, тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.

# БОБИ 7. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ШИКОЯТ

## Моддаи 79. Ҳуқуқ ба шикоят

1. Иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ҳуқуқ доранд то бастани қарордоди харид ба ташкилоти харидор ва (ё) мақоми ваколатдор шикоят пешниҳод намоянд. Бастани қарордоди харид ҳуқуқи минбаъд ба мақоми ваколатдор пешниҳод намудани шикоятро маҳдуд намесозад *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Бо назардошти қисми 3 моддаи мазкур иштирокчиёни расмиёти харид метавонанд нисбат ба ҳар гуна қарори дигари ташкилоти харидор ба ташкилоти харидор ё ба мақомоти ваколатдор эътироз пешниҳод намоянд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

3. Мақсадҳои зерин наметавонанд мавзӯи эътироз бошанд:

- интихоби усули харид;

- интихоби расмиёти хостагирии пешниҳоди озмунӣ мутобиқи талаботи Боби 5 Қонуни мазкур *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*;

- фароҳамоварии имтиёзҳо ба молрасонҳои (пудратчиёни) дохилӣ мутобиқи моддаи 18 Қонуни мазкур;

- қарори ташкилоти харидор, ки мутобиқи моддаи 42 Қонуни мазкур қабул шудааст.

4. Молрасон (пудратчӣ) ё ҳар як иштирокчии расмиёти харид, ки манфиатҳояш риоя нагардидаанд ё дар натиҷаи шикоят метавонанд вайрон карда шаванд, ҳуқуқ дорад дар расмиёти арзи шикоят иштирок намояд. Молрасоне (пудратчие), ки дар чунин расмиёт иштирок накардааст, минбаъд тибқи тартиби қисми 1 моддаи мазкур аз ҳуқуқи пешниҳоди чунин шикоят маҳрум мегардад.

## Моддаи 80. Расмиёти баррасии шикоят дар ташкилоти харидор

1. То вақти бастани қарордод молрасон (пудратчӣ) ба ташкилоти харидор ба таври хаттӣ, бо зикри сабабҳои супоридани он ҳуқуқ дорад шикоят пешниҳод намояд *(Қонуни ҶТ аз 16.04.2012 № 815)*.

2. Ташкилоти харидор шикоятро дар давоми 3 рӯзи пешниҳоди он баррасӣ менамояд ва дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор ба ҳамин мӯҳлат расмиёти харид боздошта мешавад.

3. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии шикоятҳо ташкилоти харидор қарори хаттӣ интишор намуда, матлабҳои зеринро зикр мекунад:

- сабабҳои асосноки қабули қарор;

- чораҳое, ки ҳангоми пурра ё қисман қонеъгардонии шикоят ба қонеъ гардонидани талаботи баёнгардида равона гардидаанд.

4. Ҳангоми дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи мазкур интишор нагардидани қарори ташкилоти харидор ё қонеъ нагардидани молрасон (пудратчӣ) аз қарори қабулшуда ӯ ҳуқуқ дорад ба мақомоти ваколатдор ва ё суд мутобиқи моддаҳои 79 ё 80 Қонуни мазкур шикоят пешниҳод намояд. Аз лаҳзаи пешниҳоди чунин шикоят баррасии баҳс тахти салоҳияти ташкилоти харидор қарор намегирад.

5. Қарори ташкилоти харидор ниҳоӣ ҳисобида мешавад, агар мутобиқи моддаҳои 80 ё 81 Қонуни мазкур муҳокима оғоз нагардида бошад.

## Моддаи 81. Расмиёти баррасии шикоят дар мақомоти ваколатдор

1. Ҳангоми рад кардани шикояти молрасон (пудратчӣ) Мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад як ё якчанд воситаҳои зерини ҳимояи ҳуқуқҳоро фароҳам орад:

- иҷрои амалиёти ғайриқонунии ташкилоти харидор ё қабули қарорҳои ғайриқонунӣ ё истифодаи расмиёти ғайриқонуниро манъ намояд;

- қарори ғайриқонунии ташкилоти харидорро, ки шартҳои расмиёти озмуни харидро вайрон мекунад, пурра ё қисман бекор намояд;

- дар бораи қатъи расмиёти харид қарор барорад.

2. Мақомоти ваколатдор ташкилоти харидорро фавран дар хусуси қабули шикоят огоҳ менамояд.

3. Ҳангоми ворид гардидани шикоят мақомоти ваколатдор расмиёти харидро то 10 рӯз бозмедорад ва дар ин муддат аз рӯи шикоят қарори асосноки хаттӣ интишор менамояд. Қарор инҳоро дар бар мегирад:

- сабабҳои асоснокии қабули қарор;

- чораҳое, ки ҳангоми пурра ё қисман қонеъгардонии шикоят ба қонеъгардонии талаботи баёншуда равона гардидаанд.

4. Қарор оид ба шикоят барои иҷро аз ҷониби ташкилоти харидор ҳангоме ҳатмӣ ва ниҳоӣ ҳисобида мешавад, ки агар нисбати он мутобиқи моддаи 80 Қонуни мазкур тибқи тартиби судӣ шикоят пешниҳод нашуда бошад.

5. Шикоятро мақомоти ваколатдор баъди гузашти мӯҳлати пешниҳоди он ва бастани қарордод баррасӣ наменамояд.

## Моддаи 82. Шикоят аз тариқи суд

1. Нисбати баҳсҳо байни молрасонҳо (пудратчиён) ва ташкилоти харидор, ки ҳангоми анҷом додани расмиёти харид ба миён омадааст, инчунин қарори ташкилоти харидор ва мақомоти ваколатдор, ки мутобиқи моддаҳои 78, 79 Қонуни мазкур қабул гардидааст, тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят пешниҳод мегардад.

2. Муқаррароти моддаи мазкур наметавонад ҳамчун маҳдудсозии ҳуқуқи молрасонҳо (пудратчиён) ҷиҳати муроҷиат ба суд бе ҳалли пешакии ихтилофи назар мутобиқи Қонуни мазкур баррасӣ гардад.

# БОБИ 8. МУқАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

## Моддаи 83. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## Моддаи 84. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997 "Дар бораи хариди давлатии молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 23 , 24, моддаи 344) аз эътибор соқит дониста шавад.

## Моддаи 85. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 3 марти соли 2006 № 168

ш. Душанбе